Конфронси вазирон
Ҷаласаи нӯҳум
Бали, 3-6 декабри соли 2013.

## Созишнома оид ба соддагардонии расмиёти савдо

Конфронси вазирон,

Тибқи муқаррароти банди 1 Моддаи IX Созишномаи Марокаш доир ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии савдо («Созишнома оид ба СУС»);

*Ба чунин қарор омаданд:*

1. Ҳамин тариқ, ба музокироти вобаста ба Созишнома оид ба соддагардонии расмиёти савдо («Созишнома») хотима бахшиданд. Созишнома ба санади мазкур замима гардида, барои ворид намудани ислоҳоти расмие, ки ба моҳияти он таъсир намерасонад, мавриди ташхиси ҳуқуқӣ қарор мегирад.

2. Ҳамин тариқ, Кумитаи омодасозӣ оид ба соддагардонии расмиёти савдоро («Кумитаи омодасозӣ») дар доираи Шӯрои генералӣ таъсис доданд, ки он ба ҳамаи аъзоёни СУС барои иҷрои вазифаҳои марбут ба ҳарчӣ зудтар мавриди амал қарор гирифтани Созишнома ва омодасозӣ барои фаъолияти самарабахши Созишнома баъд аз эътибор пайдо кардани он, кушода мебошад. Аз ҷумла, Кумитаи омодасозӣ таҳлили ҳуқуқии Созишномаро амалӣ месозад, ки дар банди 1 зикр шудааст, огоҳномаҳоро доир ба ӯҳдориҳои Категорияи А қабул мекунад ва Протокол дар бораи ворид намудани тағйиротро («Протокол») барои ҳамроҳ намудани Созишномаи мазкур ба Замимаи 1А Созишномаи СУС таҳия менамояд.

3. Шӯрои генералӣ барои ворид намудани замима ба Созишнома ҷиҳати огоҳномаҳои марбут ба ӯҳдадориҳои Категорияи А, на дертар аз 31 июли соли 2014 ҷаласаи худро баргузор намояд, Протоколи омоданамудаи Кумитаи омодасозиро қабул намуда, Протоколи навро барои қабули он то 31 июли 2015 сол оғоз намояд. Протокол мутобиқи Моддаи X:3 Созишномаи СУС мавриди амал қарор мегирад.

## ЗАМИМА

## Созишнома оид ба соддагардонии расмиёти савдо

Муқаддима

*Аъзоёни СУС,*

*Бо назардошти* Давраи музокироти бисёрҷонибаи тиҷоратии Доҳа,

*Бо ёдоварӣ ва боз тасдиқ намудани* ваколат ва принсипҳое, ки дар банди 27 Эъломияи Давҳаи вазирон ва Замимаи «D» Қарори Барномаи кории Давҳа, ки аз ҷониби Шӯрои генералӣ 1 августи 2004 сол қабул карда шудааст ва инчунин банди 33 ва Замимаи Е Эъломияи вазирон дар Ҳонг Конг;

*Бо майли* мушаххас ва беҳтар намудани ҷанбаҳои марбутаи моддаҳои V, VIII ва X ГАТТ 1994 бо мақсади вусъат бахшидан ба интиқол, иҷозат ва расмиёти гумрукии мол, инчунин молҳое, ки дар транзит қарор доранд;

*Бо эътирофи* эҳтиёҷоти махсуси Аъзоён-кишварҳои рӯ ба инкишоф ва хусусан Аъзоён-кишварҳои камрушдёфта ва бо майли густариш додани кӯмак ва дастгирии имконият дар ин самт;

*Бо эътирофи* пиёзмандӣ барои ҳамкории самарабахш миёни Аъзоён оид ба соддагардонии расмиёти савдо ва масъалаҳои риояи расмиёти гумрукӣ;

Ҳамин тариқ, ба чунин *қарор омаданд:*

### Қисми 1

### Моддаи 1: Нашр ва дастрас будани ахбор

1 Нашр

1.1. Ҳар як Аъзо ба таври ҳарчӣ зудтар ахбори зеринро дар шакли ғайридискриминатсионӣ ва осон нашр мекунад, ки ҳукуматҳо, тоҷирон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бо он шинос шаванд:

a) Расмиёти воридот, содирот ва транзит (инчунин тартиби вуруд ба бандар, фурудгоҳ ва дигар марказ) ва ҳуҷҷатҳо ва санадҳои зарурӣ;

b) Мизонҳои амалкунандаи ҳама намудҳои боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, ки вобаста ба воридот ё содирот ситонда мешаванд;

c) Хироҷҳо ва пардохтҳое, ки аз ҷониб ё барои хадамотҳои давлатӣ вобаста ба воридот,

содирот ё транзит ситонда мешаванд;

d) Қоидаҳои таснифот ё баҳогузории арзиши мол барои расмиёти гумрукӣ;

e) Қонунҳо, дастурамалҳо ва қарорҳои маъмурии татбиқи умумидоштаи марбут ба кишвари истеҳсоли мол;

f) Маҳдуд ё манъи воридот, содирот ё транзит;

g) Муқаррароти ҷаримавӣ вобаста ба вайрон кардани расмиёти воридот, содирот ё транзит;

h) Тартиби даъво намудан;

i) Созишномаҳо ё қисми онҳо бо ягон кишвар ё кишварҳо вобаста ба воридот, содирот, ё транзит;

j) Расмиёти марбут ба маъмурияти квотаҳои тарифӣ.

1.2. Ҳеҷ муқаррароти мазкур набояд чунин шарҳ дода шавад, ки нашр ё пешниҳоди ахбор ғайр аз дар забони давлатии Аъзо тақозо мешавад, ба истисноӣ ҳолате, ки дар банди 2.2. зикр шудааст.

2 Ахборе, ки тавассути шабакаи Интернет дастрас мебошад

2.1. Ҳар як Аъзо тавассути Интернет дастрас ва ба қадри имкон ва ба сифати мувофиқ таҷдид месозад:

a) Тавсифи 1 расмиёти воридот, содирот ва транзит, инчунин тартиби даъво намудан, ки ҳукуматҳо тоҷирон ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро оиди тартиби амалии воридот, содирот ва транзит огоҳ мекунад;

b) Ҳуҷҷатҳо ва санадҳое, ки барои воридот ба, содирот аз ё транзит аз қаламрави Аъзои мазкур тақозо мешаванд.

c) Ахбори тамос оиди марказҳои маълумотдиҳӣ.

2.2. Дар ҳама мавридҳое, ки имкон аст, тавсифе, ки дар зербанди 2.1a. зикр шудааст, ҳамчунин дар яке аз забонҳои расмии СУС пешниҳод карда мешавад.

2.3. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки тавассути шабакаи Интернет ахбори марбут ба савдоро дастрас намоянд, инчунин қонунгузории марбут ба савдо ва дигар ҷузъҳое, ки дар банди 1.1. зикр шудаанд.

3 Марказҳои маълумотдиҳӣ

3.1. Ҳар як Аъзо дар доираи имкониятҳои худ, як ё шумораи бештари марказҳои маълумотдиҳиро созмон ё таъмин менамоянд ҷиҳати посух додани дархостҳои асосноки ҳукуматҳо, тоҷирон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба саволҳое, ки дар банди 1.1. зикр шудаанд ва инчунин пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва санадҳоеро, ки дар зербанди 1.1a. зикр шудаанд, таъмин менамояд.

3.2. Аъзоёни иттиҳоди гумрукӣ ё аъзоёне, ки дар ҳамгироии минтақавӣ иштирок доранд, метавонанд марказҳои маълумотдиҳии муштаракро дар сатҳи минтақавӣ барои иҷрои талаботи банди 3.1 оиди расмиёти умумӣ созмон диҳанд ё таъмин намоянд.

3.3. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки барои посух додан ба дархостҳо ва ҳуҷҷатҳо ва санадҳое, ки пешниҳод мешаванд, пардохт талаб нанамоянд. Агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад, Аъзоён маблағи хироҷ ва пардохтҳои худро то арзиши тахминии хизматрасонӣ маҳдуд месозанд.

3.4. Марказҳои маълумотдиҳӣ дар муддати асоснок, ки аз ҷониби ҳар як Аъзо муқаррар мешавад, ки метавонад вобаста ба моҳият ва мушкилии дархост тағйир ёбад, ба дархостҳо посух медиҳанд ва ҳуҷҷатҳо ва санадҳоро пешниҳод мекунанд.

4 Огоҳикунонӣ

4.1. Ҳар як Аъзо Кумитаро оид ба масоили зер огоҳ мекунад:

a) Маркази (ҳо) расмие, ки дар он ҷузъҳои зербандҳои 1.1 a. то j. нашр шудаанд; ва

b) Суроғаҳои URL-и сомона (ҳо), ки дар зербанди 2.1 зикр шудаанд ва инчунин маълумот барои тамос бо марказҳои маълумотдиҳӣ, ки дар банди 3.1. зикр шудаанд.

*Моддаи 2: Имконияти шарҳ, маълумот пеш аз мавриди амал қарор гирифтан ва машварат*

1 Имконияти шарҳ ва маълумот пеш аз мавриди амал қарор гирифтан

1.1. Ҳар як Аъзо, то ҳадди имкон дар доираи низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии дохилии худ имкон ва мӯҳлати мувофиқро барои тоҷирон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод менамояд, то ин ки қабул ё тағйироти қонунҳо ва дастурамалҳои татбиқи умумии марбут ба интиқол, иҷозат ва расмиёти молҳо, инчунин молҳое, ки дар транзит мебошанд, шарҳ диҳанд[1].

1.2. Ҳар як Аъзо, то ҳадди имкон ва мутобиқ ба низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии дохилии

[1] Ҳар як Аъзо ҳуқуқ дорад, ки бо салоҳдиди худ дар сомонаи интернетии худ маҳдудиятҳои ҳуқуқиро баён намояд.

худ дастрасӣ ва нашри қонунҳо ва дастурамалҳои татбиқи умумии марбут ба интиқол, иҷозат ва расмиёти молҳо, инчунин молҳое, ки дар транзит мебошанд, ҳар чӣ зуддтар то мавриди амал қарор гирифтани онҳо таъмин менамояд, то ки тоҷирон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бо онҳо шинос шаванд.

1.3. Тағйирот ба мизонҳои боҷи гумрукӣ ё мизонҳои тарифӣ ва инчунин тадбирҳое, ки таъсири сусткунанда доранд ё самаранокии онҳо метавонад тавассути нашри пешакӣ халалдор шавад, чораҳое, ки дар ҳолатҳои фавқулода ҷорӣ карда мешаванд, ё тағйиротҳои начандон калон дар низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии дохилӣ аз бандҳои 1.1 ва 1.2 боло хориҷ карда шудаанд.

2 Машварат

Ҳар як Аъзо, дар мавриди зарурӣ машваратҳои мунтазамро миёни хадамотҳои марзӣ ва тоҷирон ё дигар ҷонибҳои манфиатдор дар қаламрави худ доир менамояд.

Моддаи 3: Қарорҳои пешакӣ

1. Ҳар як Аъзо дар мӯҳлати муқарраршуда ба аризадиҳанда, ки дархости хаттиро бо тамоми маълумоти зарурӣ пешниҳод намудааст, қарори пешакиро ирсол менамояд.. Агар Аъзо пешниҳоди қарори пешакиро рад намояд, ӯ бетаъхир бо зикр намудани далел ва асос барои қарори худ аризадиҳандаро ба таври хаттӣ огоҳ месозад.

2. Аъзо метавонад пешниҳоди қарори пешакиро ба аризадиҳанда рад намояд, агар саволе, ки дар ариза баён шудааст:

а) аллакай парвандаи аризадиҳанда дар ягон мақомоти ҳукуматӣ, трибунали аппелятсионӣ ё мавриди баррасӣ қарор дошта бошад; ё

b) аз ҷониби трибунали аппелятсионӣ ё суд ҳал карда шудааст.

3. Қарори пешакӣ баъд аз пешниҳод то мӯҳлати асоснокшуда эътибор дорад, агар қонунҳо, далелҳо ё ҳолатҳое, ки қарори ибтидоии пешакиро тасдиқ карданд тағйир наёфта бошанд ёфтаанд.

4. Дар мавридҳое, ки Аъзо қарори пешакиро бозхонд, тағйир ё бекор намудааст, ба таври хаттӣ аризадиҳандаро огоҳ намуда, далелҳои марбута ва асоси қарори қабулнамудаи худро зикр мекунад. Дар мавридҳое, ки Аъзо қарори пешакии дорои қувваи бозгаштро бозхонд, тағйир ё бекор менамояд. Аъзо метавонад ин амалро танҳо дар мавриде содир намояд, агар қарор дар асоси маълумоти нопурра, нодуруст, бардурӯғ ё ғалат таҳия шудааст.

5. Қарори пешакии аз ҷониби Аъзо пешниҳод шуда, барои он Аъзое ҳатмӣ мебошад, ки аз ӯ аризадиҳанда дархост намудааст. Аъзо инчунин метавонад ҳатмӣ будани қарори пешакиро барои аризадиҳанда пешбинӣ намояд.

6. Ҳар як Аъзо ҳадди ақал нашр менамояд:

а) *талаботи пешниҳоди ариза барои қарори пешакӣ, инчунин маълумот ва шакл;*

b) мӯҳлати вақт, ки дар муддати он қарори пешакӣ пешниҳод мешавад; ва

c) мӯҳлати эътибори қарори пешакӣ.

7. Ҳар як Аъзо мутобиқи дархости хаттии аризадиҳанда қарори пешакиро баррасӣ менамояд ё қарор оиди бозпас хондан, тағир додан ё беэътибор донистанро қабул менамояд[2].

8. Ҳар як Аъзо кӯшиш менамояд, ки маълумот оиди қарори пешакӣ, ки тибқи ақидаи Аъзо метавонад ба дигар ҷонибҳои манфиатдор таваҷҷӯҳи зиёд дошта бошад ба *таври умум дастрас бошад, бо назардошти зарурати ҳимояи маълумоти махфии* тиҷоратӣ.

9. Мафҳум ва доираи амал:

а. Қарори пешакӣ ин қарори хаттие мебошад, ки ба аризадиҳанда аз ҷониби Аъзо пешниҳод мешавад, пеш аз воридоти маҳсулот, ки дар ариза зикр шудааст, ки дар он низоме баён шудааст, ки Аъзо нисбати мол дар мавриди воридот муқаррар мекунад вобаста ба:

i. рамзгузории тарифи мол, ва

*ii. кишвари истеҳсоли маҳсулот*[3]

[2] Мутобиқи банди мазкур: а) хулосаи баррасӣ метавонад пеш ё баъд аз қабул шудани қарор, ки аз ҷониби шахси мансабдор, идора ё мақоме, ки қарорро баровардааст, пешниҳод мешавад, аз ҷониби мақоми баландтари маъмурӣ, ё мақомоти судӣ пешниҳод карда шавад; ва b) Аъзо ӯҳдадор нест, ки мутобиқи Моддаи 4.1.1. Созишномаи мазкур ба аризадиҳанда пешниҳод намояд.

[3] Муқаррар шудааст, ки қарори пешакӣ оид ба кишвари истеҳсоли мол метавонад баҳогузории кишвари истеҳсоли мол барои мақсадҳои Созишнома оид ба қоидаҳои тавлиди мол бошад, агар қарор ба талаботҳои Созишномаи мазкур ва Созишнома оид ба қоидаҳои тавлиди мол ҷавобгӯ бошад. Ҳамчунин, баҳогузории кишвари истеҳсоли мол

b. Илова ба қарорҳои пешакӣ, ки дар зербанди 3.9а зикр шудаанд, ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки қарорҳои пешакиро пешниҳод намоянд мутобиқи:

i) усул ё меъёр ва аризаи мувофиқ, ки дар муайян кардани арзиши гумрукӣ тибқи далелҳои мушаххас истифода мешаванд;

ii) татбиқ шудани талаботи Аъзо барои осон ё озод кардан за пардохти боҷҳои гумрукӣ;

iii) татбиқи талаботи Аъзо нисбат ба квотаҳо, инчунин квотаҳои тарифӣ; ва

iv) ҳама гуна масъалаҳои иловагие, ки нисбат ба онҳо пешниҳоди қарори иловагиро Аъзо мувофиқи мақсад мешуморад.

c. Аризадиҳанда – содиркунанда, воридкунанда ё ягон дигар шахс бо сабабҳои асоснок мебошад ё намояндаи онҳо.

d. Аъзо метавонад талаб намояд, ки аризадиҳанда дар қаламрави Аъзо намояндагии ҳуқуқӣ дошта бошад ё дар қайд бошад. То ҳадди имкон, ин гуна талаботҳо гурӯҳи шахсонеро маҳдуд нанамояд, ки ҳуқуқи пешниҳоди дархостро барои қарори пешакӣ доранд, бо диққати махсус додан ба ниёзҳои мушаххаси корхонаҳои хурд ва миёна. Ин гуна талаботҳо бояд дақиқ ва шаффоф бошанд ва набояд воситаи дискриминатсияи худсарона ё беасос бошанд.

Моддаи 4: Расмиёти даъво ё баррасӣ

1 Ҳуқуқи даъво

дар доираи Созишнома оид ба қоидаҳои таблиди мол метавонад қарори пешакӣ оид ба кишвари истеҳсол мол барои мақсадҳои Созишномаи мазкур бошад, агар қарор талаботҳои ҳарду созишномаҳоро қонеъ намояд. Аъзоён ӯҳдалор нестанд, ки механизмҳои алоҳидаро дар доираи муқарраротн мазкур ҷорӣ намоянд, илова ба онҳое, ки тибқи Созишнома оид ба қоидаҳои таблиди мол вобаста ба баҳогузории кишвари истеҳсол ҷорӣ шудаанд, бо он шарт агар талаботҳои Моддаи мазкур иҷро шуда бошанд.

1.1. Ҳар як Аъзо таъмин менамояд, ки ҳар як шахсе, ки ба он гумрук қарори[4] маъмуриро пешниҳод менамояд, дар қаламрави Аъзо ҳуқуқ дошта бошад ба:

a. даъвои маъмурӣ ё аз нав дида баромадан аз ҷониби мақоми баландтар ё новобаста аз шахси мансабдор ё мақомот, ки қарорро пешниҳод намудааст; ва/ё

b. аппелятсияи судӣ ё баррасии қарор.

1.2. Қонунгузории ҳар як Аъзо метавонад талаб намояд, ки расмиёти даъвои маъмурӣ ё баррасӣ пеш аз даъвои судӣ ё баррасӣ оғоз карда шавад.

1.3. Аъзоён расмиёти даъво ё баррасиро дар асоси ғайридискриминатсионӣ таъмин менамоянд.

1.4. Ҳар як Аъзо таъмин менамояд, ки қарор оиди даъво ё баррасӣ дар доираи зербанди 1.1а пешниҳод нашавад, ё i дар мӯҳлати муқарраршудаи вақт, ки дар қонунҳо ё муқаррароти Аъзоён мушаххас шудаанд, ё ii бе таъхири беасос, аризадиҳанда ҳуқуқ дошта бошад ба даъвои минбаъда ё баррасӣ аз ҷониби мақомоти маъмурӣ ё мақомоти судӣ ё ягон дигар мурочиат ба мақомоти судӣ[5].

1.5. Ҳар як Аъзо таъмин менамояд, ки шахсе, ки дар банди 1.1 зикр шудааст, бо сабабҳои қарори маъмурӣ шинос карда мешавад, то ин, ки ба шахси мазкур имкони даъво намудан ё баррасӣ дода шавад.

1.6. Ба ҳар як Аъзо тавсия дода мешавад, ки муқаррароти Моддаи мазкурро ба қарорҳои маъмурӣ, ки аз ҷониби хадамоти марзӣ ғайр аз гумрук пешниҳод шудааст, татбиқ

[4] Қарори маъмурӣ дар Моддаи мазкур қарор бо эътибори ҳуқуқиро ифода мекунад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахси мушаххасро дар ҳар як мавриди алоҳида дарбар мегирад. Дониста мешавад, ки қарори маъмурӣ дар Моддаи мазкур чораҳои маъмуриро мутобиқи моҳияти Моддаи X ГАТТ 1994 ё рад кардани қабули чораҳои маъмурӣ ё қарорҳо фаро мегирад, чӣ тавре, ки дар қонунгузории миллӣ ва низоми ҳуқуқии Аъзоён пешбинӣ шудааст. Барои ҳалли чунин масъалаҳо, Аъзоён метавонанд, чораи дигар маъмуриро дар амал нигоҳ доранд ё муроҷиат ба суд, барои дастур додан ба мақомоти гумрук ба таври бетаъхир пешниҳод кардани қарори маъмурӣ бар ивази ҳуқуқи даъво ё баррасӣ дар доираи зербанди 1.1 а.

[5] Ягон муқаррароти банди мазкур набояд Аъзоёнро пешгирӣ намояд аз эътирофи сукути маъмурӣ нисбати даъво ҳамчун қарор ба манфиати даъвогар мутобиқи қонунҳо ва дастурамалҳои онҳо.

намояд.

Моддаи 5: Дигар тадбирҳои тақвият додани беғаразӣ, ғайридискриминатсия ва шаффофият

1 Огоҳнома оиди назорат ва тафтиши бештар

Дар мавриде, ки Аъзо низоми пешниҳоди огоҳнома ё роҳнаморо барои мақомоти дахлдори худ барои баланд бардоштани сатҳи назорат ё тафтиш нисбати озуқаворӣ, пӯшокӣ ё хӯроки чорво дар доираи огоҳнома ё роҳнамо барои ҳимояи одамон, ҳайвонот ё растанӣ ё саломатӣ дар доираи қаламрави худ мувофиқ ё мавриди истифода нигоҳ медорад, принсипҳои зерин вобаста ба усули пешниҳод, анҷом ёфтан ё қатъ шудан татбиқ мешаванд:

a. Ҳар як Аъзо метавонад, дар сурати зарурӣ, огоҳнома ё дастурро, ки дар таваккал асос мёёбанд, пешниҳод намояд.

b) Ҳар як Аъзо метавонад огоҳнома ё дастурро бо чунин тарз пешниҳод намояд, ки онҳо ба таври ягона танҳо дар ҳамон нуқтаҳои вуруд татбиқ мешаванд, ки дар онҳо чораҳои санитарӣ ва фитосанитарие мавриди амаланд, ки огоҳнома ва дастур дар онҳо асос ёфтаанд.

c) Ҳар як Аъзо бетаъхир огоҳнома ё дастурро қатъ ё мавқуф мегузорад, агар шартҳои боиси он дигар вуҷуд надошта бошанд, ё вазъияти тағирёфта метавонад тавассути усули маҳдудпаомии камтари тиҷорат ҳал карда шавад.

d) Вақте, ки Аъзо қарор мекунад, ки огоҳнома ё дастурро қатъ ё мавқуф мегузорад, Аъзо бо тарзи мувофиқ фавран эълонро оиди қатъ ё мавқуф гузоштан дар асоси ғайридискриминатсионӣ ва дастрасиаш осон нашр менамояд, Аъзои содиркунанда ё воридкунандаро огоҳ мекунад.

2 Боздошт шудан

Аъзо таҳвилгар ё воридкунандаро бетаъхир оиди боздошт шудани молҳо огоҳ мекунад, ки барои воридот пешниҳод шудаанд, вобаста ба тафтиш аз ҷониби мақомоти гумрукӣ ё ягон дигар мақомоти дахлдор.

3 Расмиёти озмоишгузаронӣ

3.1. Аъзо метавонад мутобиқи дархост барои барои озмоиши дуюм имконият фароҳам орад дар мавриде, ки агар натиҷаи якуми озмоиш аз молҳои воридшуда, ки барои воридот пешниҳод шудаанд, хулосаи манфӣ гирифта шуд.

3.2. Аъзо дар асоси ғайридискриминатсионӣ ва дастрасаш осон ном ва суроғаи лабораторияро, ки дар он озмоиш анҷом дода мешавад, ё ин маълумотро барои воридкунанда дастрас мекунад, ки ба он имконият дар доираи банди 3.1. фароҳам оварда мешавад.

3.3. Аъзо натиҷаҳои озмоиши дуюмро барои иҷозат ва ба расмиятдарории молҳо баррасӣ менамояд ва дар мавриди зарурат, метавонад натиҷаҳои чунин озмоишро эътироф намояд.

*Моддаи 6: Тартиби ситондани хироҷ ва пардохтҳо, ки аз ё дар робита ба воридот ва содирот ситонда мешавад.*

1.1. Муқаррароти банди 6.1 нисбати ҳамаи хироҷ ва пардохтҳои ғайр аз боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ ва дигар андозҳо мутобиқи Моддаи ГАТТ III 1994 татбиқ мешавад, ки аз ҷониби Аъзоён нисбат ба ё дар робита ба воридот ё содироти молҳо ҷорӣ карда шудаанд.

1.2. Маълумот оиди хироҷ ва пардохтҳо мутобиқи Моддаи 1 Созишномаи мазкур нашр карда мешавад. Маълумот бояд ахбор оиди хироҷ ва пардохтҳои татбиқшавандарро дарбар гирад, асос барои чунин хироҷ ва пардохтҳо, маълумо оиди мақомоти дахлдор ва инчунин бо кадом тарз пардохт ба амал бароварда мешавад.

1.3. Дар муддати вақти байни нашри хироҷ ва пардохтҳои нав ё тасҳеҳшуда ва ба эътибор даромадани онҳо ба истисноии мавридҳои махсус бояд мӯҳлати кифоя дода шавад. Ин гуна хироҷ ва пардохтҳо то нашри маълумот оиди онҳо набояд ситонда шаванд.

1.4. Ҳар як Аъзо мунтазам хироҷ ва пардохтҳои худро бо мақсади кам кардани шумора ва намудҳои онҳо дар мавриде, ки амалан имконпазир аст, баррасӣ мекунад.

2 Тартиби махсуси ситондани хироҷ ва пардохтҳо, ки ба ё дар робита ба воридот ва содирот татбиқ мешаванд

2.1. Хироҷ ва пардохтҳои марбут ба расмиятдарории гумрукӣ:

i. бояд аз ҷиҳати шумора то арзиши тахминии хизматрасонӣ, ки вобаста ба амалиёти мушаххаси воридотӣ ва содиротӣ анҷом дода шудааст, маҳдуд бошанд; ва

ii. набояд ба амалиёти мушаххаси воридотӣ ва содиротӣ иртибот дошта бошанд, бо он шарт, ки онҳо барои хизматрасоние ситонда мешаванд, ки ба расмиятдарории гумрукии молҳо робитаи наздик дорад.

3 Ҷаримаситонӣ

3.1. Барои мақсадҳои Моддаи 6.3, истилоҳи «ҷарима» он ҷаримаҳоеро ифода мекунад, ки аз ҷониби маъмурияти гумрукии Аъзо ситонда мешаванд барои вайрон кардани қонунгузорӣ, қоидаҳои гумрукӣ ё талаботи расмиёт.

3.2. Ҳар як Аъзо таъмин менамояд, ки ҷарима барои вайрон кардани қонунгузорӣ, дастурамали гумрукӣ ё талаботи расмиёт танҳо ба шахсе татбиқ мешавад, ки мутобиқи қонунҳои Аъзо барои вайрон кардан он масъул ҳисобида шудааст.

3.3. Ҷарима аз далелҳо ва вазъияти ҳолати мушаххас вобаста буда, бояд ба дараҷа ва вазнинии амали вайрон кардан баробар бошад.

3.4. Ҳар як Аъзо саъй мекунад, ки чунин чораҳоро амалӣ менамояд, ки ҷилавгирӣ карда шавад аз:

i. ихтилофи манфиатҳо дар баҳогузорӣ ва ситондани ҷарима ва боҷҳо; ва

ii. мусоидат ба омил барои баҳогузорӣ ё ситондани ҷарима, ки бо банди 3.3. мутобиқ нест.

3.5. Ҳар як Аъзо таъмин менамояд, ки дар мавриди ҷаримабандӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ, дастурамалҳо, ё талаботи расмиёт, шарҳи хаттӣ ба шахсе (оне), ки нисбати онҳо ҷарима муқаррар шудааст, пешниҳод мешавад бо зикри моҳияти вайронкунӣ ва қонун, қоида ё тартиби татбиқшаванда, ки мутобиқи онҳо маблағ ё дараҷаи ҷазо барои вайронкунӣ муайян шудааст.

3.6. Дар мавриде, ки шахс ихтиёран ба маъмурияти гумруки Аъзо ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузорӣ, дастурамал, ё талаботи расмиёти гумрукиро пеш аз ошкор намудани вайронкунӣ аз ҷониби маъмурияти гумрук хабар медиҳад, ба Аъзо тавсия дода мешавад, ки дар мавриди зарурӣ, ин далелро ҳамчун омили сусткунанда дар мавриди муқаррар кардани ҷазо барои ин шахс ба инобат гирад.

3.7. Муқаррароти банди мазкур нисбати ҷаримагузории боркашонии транзитӣ, ки дар банди 3.1. зикр шудааст, татбиқ мешавад.

Моддаи 7: Иҷозат ва барсмиятдарории молҳо

1 Расмиёти пешакӣ

1.1. Ҳар як Аъзо расмиётро қабул ё мавриди амал нигоҳ медорад, бо иҷозат додан ба пешниҳоди санадҳои воридотӣ ва дигар маълумоти зарурӣ, инчунин манифест, барои оғози коркард то расидани молҳо бо мақсади иҷозат додани молҳо баъд аз расидани онҳо.

1.2. Аъзоён, дар мавридҳои мувофиқ пешниҳоди санадҳоро дар шакли электронӣ барои коркарди пешакӣ пеш аз расидани молҳо пешбинӣ менамоянд

2. Пардохти электронӣ

Ҳар як Аъзо, то ҳадди имкон, расмиётро қабул ё мавриди амал нигоҳ медорад, ки имкони пардохти электронии боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳоеро фароҳам меорад, ки мақомоти гумрукӣ аз воридот ва содирот ситондаанд.

3 Ҷудо намудани расмиёти иҷозат аз расмиёти муайяни ҷамъбастии боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳо

3.1. Ҳар як Аъзо расмиётро қабул ё мавриди амал нигоҳ медорад, ки имкон медиҳад, ки ба молҳо пеш аз ба таври ҷамъбастӣ муайян кардани боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳо иҷозат дода шавад, агар чунин муқаррарот пеш аз ё то расидан нашуда бошад, ё ба қадри имкон зудтар аз баъди расидан ва бо он шарт, ки ҳама дигар талаботи маъмурӣ иҷро шуда бошад.

3.2. Ҳамчун шарти иҷозат, Аъзо метавонад талаб намояд:

a. пардохти боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳо пеш аз ё баъд аз расидани молҳо ва кафолат дар дилхоҳ маблағ, ки ҳоло муайян нашудааст, дар шакли гарав, пасандоз ё дигар воситаҳои мувофиқ, ки дар қонунҳо ва дастурамалҳои он пешбинӣ шудаанд.

кафолат дар дилхоҳ маблағ, ки ҳоло муайян нашудааст, дар шакли гарав, пасандоз ё дигар воситаҳои мувофиқ, ки дар қонунҳо ва дастурамалҳои он пешбинӣ шудаанд.

b. кафолат дар шакли гарав, пасандоз ё дигар воситаҳои мувофиқ, ки дар қонунҳо ва дастурамалҳои он пешбинӣ шудаанд.

3.3. Чунин кафолат набояд аз маблағе, ки Аъзо барои пардохти боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳои ниҳоие, ки аз молҳо талаб менамояд, зиёд бошад.

3.4. Дар ҳолати ошкор кардани қоидавайрокунӣ, ки пардохти ҷаримаи пулиро талаб

мекунад, метавонад кафолат барои ҷарима талаб карда шавад.

3.5. *Дар ҳолати ҷой надоштани зарурат, кафолат чӣ тавре, ки дар бандҳои* 3.2 ва 3.4 зикр шудааст, аз ӯҳдадорӣ озод карда мешавад.

3.6. Ягон аз ин муқаррарот ҳуқуқи Аъзоро халалдор намесозад нисбати тафтиш, боздошт, гирифтан ва мусодира ё кор бо молҳо бо ҳама усул, ки бо ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои Аъзои СУС мухолиф нест.

4 Идоракунии хавф

4.1. Ҳар як Аъзо то ҳадди имкон, низоми идораи хавфро дар назорати гумрукӣ қабул ва мавриди амал нигоҳ медорад.

4.2. Ҳар як Аъзо низоми идораи хавфро чунин тарз таҳия ва татбиқ менамояд, ки дискриминатсияи худсарона ва ғайриқонунӣ ё маҳдудиятҳои ноаён дар тиҷорати байналмилалӣ ҷилавгирӣ карда шавад.

4.3. Ҳар як Аъзо, назорати гумрукӣ ва то ҳадди имкон дигар воситаҳои назорати марзиро нисбати маҳсулотҳои хавфашон зиёдтар муттамарказ менамояд ва иҷозати молҳои дорои хавфи камро суръат мебахшад.

4.4. Ҳар як Аъзо идоракуниии хавфро оид ба баҳогузории хавф тавассути меъёрҳои мувофиқи интихоб амалӣ мегардонад. Чунин интихоб метавонад, аз ҷумла, рамзи HS мол, хусусият ва тавсифи молҳо, кишвари истеҳсол, кишваре, ки аз он молҳо таҳвил шудаанд, арзиши молҳо, маълумот оиди риояи талаботҳо аз ҷониби тоҷирон ва намуди воситаи нақлиётро дарбар гирад.

5. Аудити баъд аз гумрукӣ

5.1. Бо мақсади суръат бахшидан ба иҷозати молҳо, ҳар як Аъзо аудити баъд аз гумрукиро татбиқ ё мавриди амал нигоҳ медорад барои таъмини риояи қонунҳо ва дастурамалҳои гумрукӣ ва дигар қонунҳо ва дастурмаалҳои марбут.

5.2. Ҳар як Аъзо шахс ё миқдори молро барои гузарондани аудити баъд аз гумрук бо усули хавф асосёфта интихоб менамояд, ки метавонад меъёрҳои мувофиқи интихобро дарбар гирад. Ҳар як Аъзо аудити баъд аз гумрукиро бо тарзи шаффоф мегузаронад. Агар дар ҷараёни аудит, ки дар он шахс ҷалб шудааст, натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шуданд, Аъзо бетаъхир шахсеро, ки натиҷаҳои фаъолияти он мавриди аудит қарор гирифта буд, оиди ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои вай ва инчунин сабабҳои натиҷаҳои гирифташуда огоҳ мекунад.

5.3. Аъзоёни СУС тасдиқ менамоянд, ки маълумоте, ки дар аудити баъди гумрукӣ ба даст оварда шудааст, метавонад дар тафтишоти ояндаи маъмурӣ ва судӣ истифода шавад.

5.4. Аъзоёни СУС, ба қадри имкон, натиҷаҳои аудити баъди гумрукиро дар мавриди татбиқи низоми идоракунии хавф истифода мебаранд.

6. Муайян кардан ва нашри вақти миёнаи иҷозати мол

6.1. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки мунтазам ва дар ҳамоҳангсозӣ вақти миёнаи иҷозати молҳоро муайян ва нашр намоянд бо истифода аз чунин усулҳо ҳамчун, ба ғайр аз дигар, Таҳлили вақти миёнаи иҷозати молҳо (WCO Time Release Study) истифода баранд[6].

6.2. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки бо Кумита оиди муайян кардани вақти миёнаи иҷозати табодули таҷриба намоянд, инчунин оиди методологияи истифодашуда, *мушкилоти ошкоршуда ва инчунин ҳама гуна натиҷаҳое, ки ба самаранокӣ таъсир* мерасонанд.

7 Чораҳои мусоидат намудан ба савдо барои операторони ваколатдоршуда

7.1. Ҳар як Аъзо чораҳои иловагии мусоидат ба савдоро пешниҳод менамояд, ки ба расмиятдарорӣ ва тартиби воридот, содирот ва транзит иртибот доранд, тибқи банди 7.3 ба операторone, ки ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд, ки дар зер операторони ваколатдоршуда номида мешаванд. Ҳамчун воситаи дигар, Аъзо метавонад чунин чораҳои мусоидаткунандаро тавассути низоми гумрукӣ, ки ба ҳама операторон дастрас мебошад, пешниҳод намояд, ва аз Аъзо талаб карда намешавад, ки нақшаи алоҳидаро созмон диҳад.

7.2. Меъёрҳои зикршуда бояд бо риоя, ё хавфи риоя накардан алоқаманд бошад, ки дар қонунҳо, даструамалҳо ё расмиёти Аъзо мушаххас шудаанд. Меъёрҳои зикршуда, ки бояд

---

[6] Ҳар як Аъзо мувофиқ ба талабот ва имкониятҳои худ метавонад бахш ва методологияи муайян намудани вақти миёнаи иҷозати молро муқаррар намояд.

нашр карда шаванд, метавонанд, дарбар гиранд:

a. қайдҳои мувофиқ, ки риояи қонунҳо ва дастурамалҳои гумрукӣ ва дигар қонунҳо ва дастурамалҳоро тасдиқ менамояд.

b. низоми идоракунии қайдҳо, ки назорати зарурии дохилиро таъмин менамояд;

c. пардохтпазирӣ, инчунин дар мавриди зарурӣ, пешниҳоди кафолат/гарави кифоя; ва

d. таъмини бехатарии пайванди пешниҳод.

*Меъёрҳои зикршудае, ки операторро муайян мекунанд набояд:*

a. чунин тавр таҳия ва татбиқ шаванд, ки миёни оператороне, ки шароитҳои ягона бартарӣ доранд, дискриминатсияи худсарона ва беасос эҷод карда шавад; ва

b. то ҳадди имкон, иштироки корхонаҳои хурду миёнаро маҳдуд намояд.

7.3. Чораҳои мусоидат ба савдо, ки тибқи банди 7.1 пешниҳод мешаванд, ҳадди ақкал бояд се чораи зеринро дарбар гирад[7]:

a. талаботи соддашуда нисбат ба ҳуҷҷатгузорӣ ва маълумот дар ҳолатҳои мушаххас;

b. сатҳи соддашуда нисбат ба тафтиши воқеӣ ва санҷиш дар ҳолатҳои мушаххас;

c. иҷозати дар муддати камтар дар ҳолатҳои мушаххас;

d. дароз кардани мӯҳлати пардохти боҷҳо, пардохтҳо, андозҳо ва хироҷҳо;

e. татбиқи кафолати комплексӣ ё кафолати пасткардашуда;

f. эъломияи ягонаи гумрукӣ барои ҳамаи амалиётҳои воридотӣ ё содиротӣ дар муддати муайян; ва

g. барасмиятдарории молҳо дар қаламравӣ оператори ваколатдоршуда ё дар дигар маконе, ки гумрук иҷозат додааст.

7.4. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки барои операторони ваколатдоршуда нақша дар асоси стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шавад, агар чунин стандартҳо мавҷуд бошанд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки чунин стандартҳо воситаи номувофиқ ва ғайрисамараноки ба даст овардани мақсадҳои қонунӣ бошанд.

7.5. Бо мақсади беҳтар намудани чораҳои мусоидаткунандае, ки ба операторон пешниҳод мешаванд, Аъзоён ба дигар Аъзоён имкон фароҳам меоранд, ки оиди эътирофи мутақобилаи нақшаҳо музокирот баранд.

7.6. Аъзоён дар доираи Кумита оиди нақшаҳои амалкунандаи операторони ваколатдор табодули маълумоти муҳим менамоянд.

8. Таҳвили бетаъхир

8.1 Ҳар як Аъзо расмиётро қабул ва мавриди амал нигоҳ медорад, ки иҷозати бетаъхири аққалан он молҳоеро рухсат медиҳад, ки тавассути нақлиёти ҳавоӣ ба шахсоне таҳвил шудаанд, ки чунин низомро дархост карда буданд, бо риояи назорати гумрукӣ[8]. Агар Аъзо меъёрҳоеро[9] татбиқ намояд, ки доираи онҳоеро ки чунин низомро дархост менамоянд, маҳдуд мекунад, Аъзо метавонад дар меъёрҳои нашршуда талаб намояд, ки аризадиҳанда ба сифати шарти истифодаи низоме, ки дар бандҳои 8.2 *a* то *d* б дар таҳвили бетаъхири аризадиҳанда баён шудаанд:

a. инфраструктураи мувофиқро муҳайё намуд ва хароҷотҳои гумрукии марбут ба коркарди таҳвили бетаъхирро пардохт кард, дар мавридҳое, ки аризадиҳанда талаботи Аъзоро оид ба анҷом додани коркард дар макони мушаххас иҷро мекунад;

b. маълумоти барои иҷозат зарурӣро, ки марбут ба вориди таҳвили бетаъхир мебошад, барвақттар пешниҳод намуд;

c. пардохтҳое, ки бояд муайян шаванд, ба маблағи арзиши тахминии хизматрасонии *вобаста ба низоме, ки дар банди 8.2 a то d баён шудааст, маҳдуд шудааст.*

d. сатҳи баланди назоратро нисбати таҳвили бетаъхир тавассути истифодаи ҳифзи дохилӣ, логистика ва технологияи назорат аз гирифтан то расондан таъмин мекард;

e. таҳвили босуръатро аз вақти гирифтан то расондан таъмин мекард;

f. масъулияти пардохти ҳама боҷҳо, андозҳо, хироҷҳо ва пардохтҳоро ба мақомоти гумрук ба зимма дорад;

---

[7] Чорае, ки дар зербанди a то g зикр шудааст, аз ҷониби оператори ваколатдор пешниҳод мешавад, агар он умуман ба ҳамаи операторон дастрас бошад.

[8] Дар мавридҳое, ки Аъзо расмиёти амалкунандае дорад, ки низоми дар банди 8.2 зикршударо таъмин менамояд, муқаррароти мазкур талаб намекунад, ки ин Аъзо расмиёти алоҳидаи иҷозати бетаъхирро ҷорӣ намояд.

[9] Чунин меъёрҳои татбиқ, агар мавҷуд бошанд, бояд илова бошанд ба талаботҳои Аъзоён нисбат ба ҳамаи молҳо ё борҳое, ки тавассути воситаҳои ҳавоӣ ворид шудаанд.

g. қайди мусбии риояи қонунҳо ва дастурамалҳои гумрукӣ ва дигар қонунҳо ва дастурамалҳоро дорад;

h. дигар қоидаҳоро риоя мекард, ки бевосита ба иҷрои самараноки қонунҳо, даструмалҳо ва талаботҳои расмиёти Аъзо иртибот доранд, ки ба пешниҳоди низоме, ки дар банди 8.2. баён шудааст, марбут мебошанд.

8.2 Бо риояи бандҳои 8.1 ва 8.3 Аъзоён

a. шумораи ҳуҷҷатҳое, ки барои иҷозати таҳвили бетаъхир тибқи Моддаи 10.1 зарур аст, то ҳадди имкон кам мекунанд, ва дар мавридҳои имконпазир, дар асоси пешниҳоди якдафъаи маълумот оиди таҳвилҳои мушаххас иҷозатро амалӣ месозанд.

b. иҷозати таҳвилҳои бетаъхирро дар шароити маъмулӣ то ҳадди имкон зудтар баъд аз ворид таъмин менамоянд;

c. кӯшиш менамоянд, ки низомеро, ки дар зербандҳои 8.2 *a* то *b* баён шудааст, нисбат ба таҳвили дорои ҳама гуна вазн ва арзиш истифода баранд, бо эътирофи он, ки ба Аъзо иҷозат дода мешавад, ки расмиёти иловагии воридот, инчунин эъломияҳо ва санади тасдиқкунанда ва пардохти боҷҳо ва андозҳоро талаб намояд, ва чунин низомро вобаста ба намуди мол маҳдуд намояд, бо он шарт, ки низоми мазкур бо молҳои арзиши паст, аз қабили ҳуҷҷатҳо маҳдуд намешавад; ва

d. то ҳадди имкон пешбинӣ менамоянд, ки аз таҳвили арзишашон ночиз ё манбаи боҷситонӣ, ки аз онҳо боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ситонда намешаванд, ба истиснои молҳои мушаххаси тасдиқшуда. Андозҳои дохилӣ, аз қабили андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, ки аз воридот тибқи Моддаи III ГАТТ 1994 ситонда мешавад, аз муқаррароти мазкур хориҷ мебошанд.

8.3 Ҳеҷ аз оне, ки дар бандҳои 8.1 ва 8.2 баён шудааст, ҳуқуқи Аъзоро вобаста ба тафтиш, боздошт, гирифтан, мусодира ё рад кардани вуруди молҳо, ё анҷом додани аудит баъд аз расмиёти гумрукӣ, инчунин дар робита ба истифодаи низоми идоракунии хавф халалдор намесозад. Илова ба ин, ҳеҷ аз оне, ки дар бандҳои 8.1 ва 8.2 баён шудааст, Аъзоро пешгирӣ наменамояд ҳамчун шарти иҷозат пешниҳоди маълумоти иловагӣ ва иҷрои талаботҳои ғайриавтоматии литсензиякунониро талаб намояд.

9. Маҳсулоти зудвайроншаванда[10]

Бо мақсади пешгирии зиён ё вайрон шудани маҳсулоти зудвайроншаванда бо он шарт, ки ҳамаи талаботҳои меъёрӣ иҷро карда шудаанд, ҳар як Аъзо бояд:

a. иҷозати маҳсулоти зудвайроншавандаро дар шароитҳои муқаррарӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарини вақт пешбинӣ менамояд; ва

b. иҷозати маҳсулоти зудвайроншавандаро, дар мавридҳои истисноӣ, агар мувофиқ бошад, берун аз вақти кории мақомоти гумрук ва дигар мақомоти дахлдор пешбинӣ намояд.

9.2. Ҳар як Аъзо ба маҳсулотҳои зудвайроншаванда дар муайян кардани навбати ҳама гуна тафтишоти зарурӣ афзалият медиҳад.

9.3. Ҳар як Аъзо ё месозад, ё ба воридкунанда сохтмони шароитҳои мувофиқро барои нигоҳдории маҳсулотҳои вайроншаванда, ки дар ҳолати иҷозат мебошанд, рухсат медиҳад. Аъзо метавонад талаб намояд, ки ҳама биноҳои анбор, ки воридкунанда истифода мебарад, аз ҷониби мақомоти дахлдор тасдиқ ё мушаххас карда шаванд. Интиқоли молҳо ба чунин биноҳои нигоҳдорӣ, инчунин иҷозат барои операторе, ки молҳоро интиқол медиҳад, иҷозати мақомоти дахлдорро, дар мавридҳои зарурӣ тақозо намояд. Аъзо то ҳадди имкон ва мутобиқ ба қонунгузории дохилии худ, тибқи дархости воридкунанда, ҳама гуна расмиёти барои иҷозат додан заруррро дар чунин биноҳои анбор пешбинӣ менамояд.

9.4. Дар мавридҳои таъхири тӯлонии иҷозати маҳсулотҳои зудвайроншаванда ва тибқи дархости хаттӣ, Аъзои воридкунанда, то ҳадди имкон, оиди сабабҳои чунин таъхир хабар медиҳад.

Моддаи 8 Ҳамкории марзии мақомоти давлатӣ

[10] Дар доираи муқаррароти мазкур, маҳсулотҳои зудвайроншаванда ин маҳсулотҳое мебошанд, ки вобаста ба хусусиятҳои табиии худ зуд вайрон мешаванд, аз ҷумла, дар ҳолати набудани шароитҳои мувофиқи нигоҳдорӣ.

1. Аъзо таъмин менамояд, ки мақомот ва хадамотҳои масъул оид ба назорати марзӣ ва расмиёти марбут ба воридот, содирот ва транзити молҳо бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, барои мусоидат ба савдо фаъолияти худро ҳамоҳанг менамоянд.

2. Аъзоён то ҳадди имкони амалӣ, дар шартҳои бо ҳам мувофиқкардашуда бо дигар Аъзоёне, ки ҳамсарҳад мебошанд, бо мақсади ҳамоҳанг намудани расмиёт дар нуқтаҳои убури марз барои осонтар кардани савдои байнимарзӣ ҳамкорӣ менамоянд. Чунин ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ метавонад дарбар гирад:

i. мувофиқ кардани рӯзҳо ва сотаҳои корӣ;

ii. мувофиқ кардани низом ва расмиёт;

iii. сохтмон ва истифодаи умумии объектҳои муштарак;

iv. назорати муштарак;

v. созмон додани равзанаи ягона барои нуқтаи назорат-рухсатдиҳии марзӣ

Моддаи 9 Интиқоли молҳо дар зери назорати гумрукӣ, ки барои воридот таъин шудаанд

Ҳар як Аъзо, то ҳадди имкони амалӣ, дар мавриди иҷро шудани ҳамаи талаботҳои меъёрӣ, ба молҳое, ки барои воридот таъин шудаанд, иҷозат медиҳад, ки дар дохили қаламрави зери назорати гумрукӣ аз як нуқтаи гумрукии вуруд ба дигар нуқтаи гумрукӣ дар қаламрави худ интиқол дода шаванд, ки дар он ҷо молҳо аз расмиёт гузашта иҷозат дода мешавад.

*Моддаи 10 Расмиёти марбут ба воридот, содирот ва транзит*

1 Расмиёт ва талаботи ҳуҷҷатгузорӣ

1.1. Бо мақсади то ҳадди имкон кардани ҳолат ва мушкилии расмиёти воридот, содирот ва транзит ва содданамоии талаботҳои ҳуҷҷатгузории воридот, содирот ва транзит ва бо ба инобат гирифтани ҳадафҳои қонунии танзим ва дигар омилҳо, аз қабили вазъияти тағирёфта, маълумоти нави вобаста ва таҷрибаи соҳибкорӣ, техника ва технологияи мавҷуда, таҷрибаи пешоҳанги байналмилалӣ ва саҳми ҷонибҳои манфиатдор, ҳар як Аъзо чунин талаботҳои марбут ба расмиёт ва ҳуҷҷатгузориро аз баррасӣ менамояд ва дар асоси натиҷаҳои баррасӣ, таъмин менамояд, ки чунин талаботҳои нисбат ба расмиёт ва *ҳуҷҷатгузорӣ:*

a. қабул гарданд ё/ва татбиқ шаванд бо мақсади иҷозати бетаъхир ва анҷом додани расмиёти гумрукӣ;

b. бо чунин усул қабул ё/ва татбиқ шаванд, ки ба кам кардани вақт ва хароҷотҳои риояи онҳо барои тоҷирон ва операторон равона шудаанд;

c. тадбирҳое бошанд, ки то ҳадди имкон камтар тиҷоратро маҳдуд намоянд, дар ҳолате, *ки ду ва ё зиёда тадбирҳои дигар барои иҷрои ҳадаф ё ҳадафҳои танзими* баррасишаванда мавҷуд мебошанд; ва

d. инчунин ҷузъҳои онҳо, набояд бештар аз мӯҳлати муқарраршуда татбиқ шаванд.

1.2. Кумита бо ба миён омадани зарурат, бояд тартиби табодули маълумоти марбут ва таҷрибаи беҳтаринро таҳия намояд.

2 Эътирофи нусхаҳо

2.1. Ҳар як Аъзо дар ҳолатҳои мувофиқ, саъй мекунад, ки нусхаҳои қоғазӣ ва электронии ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаеро, ки барои воридот, содирот ва транзит талаб карда мешаванд, эътироф намоянд.

2.2. *Дар мавриде, ки мақмоти Аъзо аллакай нусхаи асли чунин ҳуҷҷатро дорад,* ҳама дигар мақомоти ин Аъзо, дар мавриде, ки имкон дорад, бояд нусхаи қоғазӣ ё электрониро бар ивази нусхаи асл аз мақомоте, ки дар он нусхаи аст қабул намоянд.

2.3. Аъзо набояд ҳуҷҷати аслӣ ё нусхаи декларатсияи содиротиро, ки ба мақомоти гумрукии Аъзои содиркунанда пешниҳод шудааст, ҳамчун талабот барои воридот талаб намояд[11].

3 Истифодаи стандартҳои байналмилалӣ

3.1. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки стандартҳои байналмилалии мувофиқ ё ҷузъҳои онро ба сифати асос барои расмиёт ва тартиби воридот, содирот ё транзит истифода баранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Созишномаи мазкур пешбинӣ шудааст.

[11] Ҳеҷ аз банди мазкур Аъзоро аз талаб кардани ҳуҷҷатҳо аз қабили сертификатҳо, иҷозат ё литсензияҳо ҳамчун асос барои воридоти молҳои назоратшаванда ё танзимшаванда пешгирӣ наменамояд.

3.2. Ба Аъзоён дар доираи имкониятҳои онҳо тавсия дода мешавад, ки дар таҳия ва баррасии мунтазами стандартҳои байналмилалии созмонҳои байналмилалӣ иштирок намоянд.

3.3. Кумита дар сурати зарурат бояд расмиётро барои истифодаи умумии маълумоти марбут ва таҷрибаи пешоҳанг оиди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ миёни Аъзоён таҳия намояд. Кумита метавонад ба созмонҳои байналмилалии дахлдор муҳокимаи кори онҳоро пешниҳод намояд. Дар сурати зарурӣ, Кумита метавонад стандартҳои мушаххасро муайян намояд, ки барои Аъзоён аҳамияти махсус доранд.

4 Равзанаи ягона

4.1. Аъзоён бояд барои созмон додан ё фаъолияти равзанаи ягона бояд саъй намоянд, ки ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳо ва/ё маълумоти дархостшудаи марбут ба воридот, содирот ё транзити молҳоро тавассути нуқтаи ягонаи иҷозатдиҳӣ ба мақомот ё хадамотҳои иштироккунанда пешниҳод намоянд. Баъди санҷиши ҳуҷҷатҳо ва/ё маълумот аз ҷониби мақомот ё хадамотҳои иштироккунанда, натиҷаҳо бояд ба аризадиҳандаҳо тавассути равзанаи ягона сари вақт хабар дода шавад.

4.2. Дар ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳо ва/ё маълумот аллакай тавассути равзанаи ягона пешниҳод шуда буданд, ҳамон ҳуҷҷатҳо ва/ё маълумот набояд аз ҷониби мақомот ё хадамотҳои иштироккунанда дархост карда шаванд, ба истисноӣ ҳолатҳои фавқуллода ва дигар ҳолатҳои истисноӣ, ки ба ҳама хабар дода мешаванд.

4.3. Аъзоён ба Кумита оиди ҷузъҳои фаъолияти равзанаи ягона маълумот медиҳанд.

4.4. Аъзоён то ҳадди имкон ва амалишаванда, технологияҳои информатсиониро дар фаъолияти равзанаи ягона истифода мебаранд.

5 Санҷиши пеш аз таҳвил

5.1. Аъзоён набояд санҷиши пеш аз таҳвилро нисбати таснифи тарифӣ ва баҳогузории гумрукӣ талаб намоянд.

5.2. Бе халалдор намудани ҳуқуқҳои Аъзоён оиди истифодаи дигар намудҳои санҷиши пеш аз таҳвил, ки дар банди 5.1 зикр нашудаанд, ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки талаботҳои навро дар истифодаи онҳо ҷорӣ нанамоянд[12].

6 Истифодаи брокери гумрукӣ

6.1 Бе халалдор намудани манфиатҳои муҳими сиёсии баъзе Аъзоён, ки нақши махсусро барои брокерҳои гумрукӣ мавриди амал нигоҳ медоранд, аз санаи ба эътибор даромадани созишномаи мазкур Аъзоён истифодаи ҳатмии брокерҳои гумрукиро ҷорӣ намекунанд.

6.2. Ҳар як Аъзо, чораҳои худро оиди истифодаи брокерҳои гумрукӣ огоҳ ва нашр мекунад. Ҳама гуна тағироти минбаъдаи онҳо ба Кумита хабар дода мешавад ва бетаъхир нашр карда мешавад.

6.3. Нисбати литсензиякунонии брокерҳои гумрукӣ Аъзоён бояд қоидаҳои шаффоф ва объективиро истифода баранд.

7. Расмиёти умумии марзӣ ва талаботи ягонаи ҳуҷҷатгузорӣ

7.1 Ҳар як Аъзо тибқи банди 7.2, расмиёти умумии гумрукӣ ва талаботи ягонашударо дар мавриди ҳуҷҷатгузории иҷозат ва аз расмиётгузаронии молҳо дар ҳамаи қаламрави худ татбиқ мекунад.

7.2 Ҳеҷ дар моддаи мазкур набояд Аъзоро пешгирӣ намояд:

a. Расмиёт ва талабот ба ҳуҷҷатгузории худро вобаста ба хусусият ва намуди молҳо, ё воситаҳои нақлиёти онҳо гуногун намояд.

b. Расмиёт ва талабот ба ҳуҷҷатгузории худро вобаста ба молҳо дар асоси идоракунии хавфҳо гуногун намояд.

c. Расмиёт ва талабот ба ҳуҷҷатгузории худро вобаста ба таъмини қисман ё пурра озод намудан аз боҷҳо ва андозҳои воридотӣ гуногун намояд;

d. пешниҳод ва коркарди электрониро истифода барад; ё

---

[12] Зербанди мазкур ба санҷишҳои пеш аз тахвил, ки дар Созишнома оид ба бозрасии қабл аз хамлу накл фарогир шудааст, иртибот дорад ва санҷишҳои пеш аз таҳвилро бо мақсади назорати санитарӣ ва фито санитарӣ истисно намекунад.

e. расмиёт ва талабот ба ҳуҷҷатгузории худро мутобиқ ба Созишнома оид ба татбиқи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ гуногун намояд.

8 Молҳое, ки ба расмиятдарории гумрукии онҳо рад шудааст

8.1. Дар мавриде, ки молҳое, ки барои воридот пешниҳод шудаанд, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Аъзо бо сабаби мутобиқ набудани онҳо ба дастурамалҳои санитарӣ ва фитосанитарии муқарраршуда ё дастурамалҳои техникӣ барои барасмиятдарорӣ рад карда мешаванд, Аъзо бояд, мутобиқи қонунҳо ва дастурамалҳои худ, ба воридоткунанда рухсат медиҳад, ки молҳои радшударо ба дигар ҷо интиқол диҳад ё ба содироткунанда ё дигар шахсе, ки содироткунанда таъин намудааст, баргардонад.

Дар мавриде, ки чунин имкон пешниҳод шудааст, вале воридоткунанда дар мӯҳлати муқарраршудаи вақт онро истифода намекунад, мақомоти салоҳиятдор метавонад нисбати чунин молҳо дигар тарзи амалро истифода барад.

9 Воридоти муваққатӣ ва ба расмиятдарории молҳо дар дохил ва берун аз қаламрави гумрукӣ

a. Воридоти муваққатии молҳо

Ҳар як Аъзо бояд имкон диҳад, чӣ тавре, ки дар қонунҳо ва дастурамалҳои он пешбинӣ шудааст, молҳоро ба қаламрави гумрукӣ ворид намояд бо шартан озод намудан, қисман ё пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, агар ин молҳо ба қаламрваи гумрукӣ бо мақсади мушаххас ворид карда шудаанд, барои реэкспорт дар муддати муайян вақт муқарар шудаанд ва ягон тағирот дар онҳо нашудааст, ба истисноИ истеҳлоки маъмулӣ ва кам шудан бинобар истифодаи онҳо.

b. Ба расмиятдарории молҳо дар дохил ва берун аз қаламрави гумрукӣ

i. Ҳар як Аъзо коркарди молҳоро дар дохил ва беруни қаламрави гумрукӣ бояд иҷозат диҳад, чӣ тавре, ки дар қонунҳо ва дастурамалҳои он пешбинӣ шудааст. Ба молҳое, ки барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ иҷозат дода шудааст, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Аъзо бо пурра ё қисман озод кардан аз боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳои воридотӣ метавонанд реимпорт карда шаванд.

ii. Барои мақсадҳои моддаи мазкур истилоҳи «коркард дар қаламрави гумрукӣ» расмиёти гумрукиро ифода мекунад, ки тибқи он молҳои муайян метавонанд ба қаламрави гумрукӣ бо шартан озод кардан пурра ё қисман аз пардохти боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳои воридотӣ, ё барои баргардондани боҷҳои пардохтшуда ҷавобгӯ аст, дар асоси он, ки чунин молҳо барои истеҳсол, коркард ё таҷдид ва содироти минбаъда таъин шудаанд.

iii.Барои мақсадҳои моддаи мазкур истилоҳи «коркард берун аз қаламрави гумрукӣ» расмиёти гумрукиро ифода мекунад, ки тибқи он, молҳое, ки дар қаламрави гумрукӣ дар муомилоти озод қарор доранд, метавонанд муваққатан барои истеҳсол, коркард ё таҷдид ба хориҷ содирот карда шаванд ва сипас реимпорт карда шаванд.

Моддаи 1?Озод будани транзит

1. Ҳама гуна дастурамалҳо ё расмиёт дар робита ба боркашонии транзитӣ ки аз ҷониби Аъзо ҷорӣ карда шудааст, набояд:

a. мавриди амал нигоҳ дошта шавад, агар вазъиёт ё сабабҳое, ки боиси қабул шудани онҳо буданд, дигар фаъол нестанд, ё агар вазъият ё сабабҳои тағирёфта метавонанд чунон татбиқ шаванд, ки тиҷоратро камтар маҳдуд намоянд.

b. бо чунин усул татбиқ шаванд, ки боркашонии транзитиро ба таври ноаён маҳдуд намоянд.

2. Ситондани хироҷ ва пардохтҳои марбут ба транзит набояд асос барои транзит бошад, ба истисноИ пардохтҳо барои боркашонӣ ё ҳамон пардохтҳое, ки ба хароҷотҳои маъмурие, ки вобаста ба транзит, ё бо арзиши хизматрасонӣ баробар мебошанд.

3. Аъзоён ба қабул ё мавриди амал нигоҳ доштани ҳама гуна маҳдудиятҳои ихтиёрӣ ё ягон чораҳои дигар дар транзит набояд саъй намоянд. Ин бе халалдор намудани муқарраротИ миллии амалкунанда ё оянда, қарордодҳои дуҷониба ё бисёрҷониба, ки ба танзими нақлиёт мутобиқи қоидаҳои СУС дахл дорад, амалӣ карда мешавад.

4. Ҳар як Аъзо ба молҳое, ки бо транзит қаламрави ягон Аъзои дигарро убур мекунанд, низоми на камтар мусоид бояд пешниҳод намояд, аз он низоме, ки ба ин молҳо дода мешуд, агар онҳо аз макони баромад то макони расидан, бе убури қаламрави чунин дигар Аъзо интиқол дода мешуданд.

5. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки барои боркашонии транзитӣ инфраструктураи пурра алоҳидаро таъмин намоянд.

6. Расмиёт, талабот ба ҳуҷҷатгузорӣ ва назорати гумрукии марбут ба боркашонии транзитӣ, набояд мушкил бошад назар ба он, ки зарур аст барои:

a. муайян кардани молҳо ва

b. таъмини иҷрои талаботҳои марбут ба транзит.

7. Баъд аз он, ки молҳо зери расмиёти транзит қарор гирифтанд ва аз макони баромад иҷозат барои боркашониро дар қаламрави Аъзо гирифтанд, аз молҳо ягон намуд пардохтҳои гумрукӣ ситонда намешаванд, ё мавриди таъхири беасос ё маҳдудият қарор намегиранд, то вақте, ки онҳо транзити худро то макони расидан дар қаламрави ин Аъзо анҷом надиҳанд.

8. Аъзоён нисбат ба молҳои транзитӣ танзими техникӣ ва расмиёти тасдиқи мутобиқатро тибқи моҳияти Созишнома оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо татбиқ наменамоянд.

9. Аъзоён пешниҳод ва коркарди пешакии ҳуҷҷатҳо ва маълумоти транзитиро то расидани молҳо пешбинӣ ва таъмин менамоянд.

10. Ҳамин, ки таҳвили транзитӣ ба дидбонгоҳи гумрукӣ дар баромад аз қаламрави Аъзо расид, ин дидбонгоҳ ба таври фаврӣ амалиётҳои транзитиро дар ҳолати иҷрои ҳамаи талаботҳои транзитӣ қатъ менамояд.

11.1. Дар мавриде, ки Аъзо барои боркашонии транзитӣ кафолатро дар шакли замонат, пасандоз ё дигар воситаи пулӣ ва ғайрипулӣ[13] талаб менамояд, чунин кафолат бояд бо таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои мувофиқи гумрукии марбут ба ин боркашонии транзитӣ маҳдуд бошад.

11.2. Ҳамин, ки Аъзо муайян кард, ки талаботҳои транзитии он қонеъ карда шудаанд, кафолат бояд бетаъхир бардошта шавад.

11.3. Ҳар як Аъзо бояд мутобиқ ба қонунҳо ва дастурамалҳои худ, кафолати пурраро иҷозат диҳад, ки амалиётҳои якчандкаратаро барои ҳамон як операторон дарбар мегиранд ё дароз кардани мӯҳлати кафолат бе қатъ кардани эътибори он барои таҳвилҳои минбаъда.

[13] Ҳеҷ аз муқаррароти мазкур бояд Аъзоро пешгирӣ нанамояд аз мавриди амал нигоҳ доштани расмиёти ҷорӣ, ки тибқи он воситаи наклиёт ба сифати кафолат дар боркашонии транзитӣ истифода мешавад.

11.4. Ҳар як Аъзо бояд маълумотеро, ки барои муайян кардани кафолат истифода мешавад, инчунин кафолатҳои яккарата ва агар имкон бошад, кафолати марбут ба амалиётҳои бисёркаратаро дастраси умум гардонад.

11.5. Ҳар як Аъзо метавонад истифодаи мушоияти гумрукиро барои боркашонии транзитӣ танҳо дар мавридҳои марбут ба дараҷаи баланди хавф талаб намояд ё агар риояи қонунҳо ва даструамалҳои гумрукии он тавассути истифодаи кафолат наметавонад таъмин карда шавад.

12. Аъзоён бо мақсади густариш додани озодии транзит бояд ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо якдигар саъй намоянд. Чунин ҳамкорӣ метавонад дарбар гирад, лекин маҳдуд намешавад ба:

i. пардохтҳо;

ii. расмиёт ва талаботҳои қонунгузорӣ; ва

iii. фаъолияти амалии низомҳои транзитӣ.

13. Ҳар як Аъзо саъй мекунад, ки ҳамоҳангсози миллӣ оид ба транзитро таъин намояд, ки ба он ҳамаи дархостҳо ва пешниҳодҳо аз дигар Аъзоён ирсол карда мешавад, ки ба фаъолияти самараноки амалиётҳои транзитӣ иртибот доранд.

12 Ҳамкории мақомоти гумрукӣ

1 Тадбирҳои мусоидат ба *риояи* ӯҳдадориҳо ва ҳамкорӣ

1.1. Аъзоён бо он ризоанд, ки муҳим аст таъмин намоянд, ки соҳибкорон аз риояи ӯҳдадориҳои худ бохабар бошанд, ба риояи ихтиёрии ӯҳдадориҳо мусоидат карда шавад, то ин, ки воридоткунандагон мустақилона иштибоҳи худро бартараф намоянд бе пардохти ҷарима дар ҳолатҳои мувофиқ ва тадбирҳо барои риояи ӯҳдадориҳо татбиқ карда шаванд, бо ҷорӣ кардани тадбирҳои қатъитар нисбат ба он соҳибкороне, ки ӯҳдадориҳоро риоя намекунанд[14].

1.2. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки оиди таҷрибаи беҳтарин дар танзими риояи талаботҳои гумрукӣ, инчунин тавассути Кумита оид ба мусоидат ба савдо табодули ахбор

[14] Чунин фаъолият халафи умумии марбут ба кам кардани мунтазам такрор шудани ҳолатҳои риоя накардан ва мувофиқан коҳиш додани ниёз ба табодули ахборро барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳоро доранд.

намоянд. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки дар бахши дастгирии техникӣ ё мудирият барои маъмурияти тадбирҳои марбут ба риояи ӯҳдадориҳо ва тақвияти самаранокии онҳо ҳамкорӣ намоянд.

2 Табодули ахбор

2.1 Тибқи дархост ва вобаста ба муқаррароти моддаи мазкур, Аъзоён, чи тавре, ки дар банди 6 *b* ва/ё *c* муқаррар шудааст, бояд табодули ахбор намоянд бо мақсади тафтиши декларатсияи воридотӣ ва содиротӣ дар мавридҳои мушаххас, дар мавриде, ки заминаҳои кифоя вуҷуд доранд, ки боиси шубҳаи дурустӣ ва дақиқ будани декларатсия мешавад.

2.2. Ҳар як Аъзо бояд Кумитаро оиди ҷузъҳои маркази тамос барои табодули чунин ахбор огоҳ намояд.

3 Санҷидани дурустии маълумот

Аъзо бояд маълумотро танҳо баъд аз анҷом додани расмиёти тафтиши марбут ба декларатсияи воридотӣ ё содиротӣ ва баъд аз санҷиши маълумоти дастрас, ки ба ҳолати мазкур иртибот дорад, дархост намояд.

4 Дархост

4.1. Аъзои дархосткунанда ба Аъзои дархостшаванда тавассути воситаи қоғазӣ ё электронӣ дар забони мутақобилан тасдиқкарадашудаи СУС ё дигар забон дархости хаттӣ мекунад, оиди:

a. моҳияти масъала, бо иловаи маълумоти дахлдор ва дастрас оиди рақами силсилавии декларатсияи содиротӣ, ки ба декларатсияи мувофиқи воридотӣ мутобиқ аст;

b. сабаб, ки тибқи он Аъзои дархосткунанда чунин маълумот ё санадро талаб мекунад ва инчунин ном ва суроғаи шахсоне, ки ба онҳо дархост дахл дорад, агар онҳо маълум бошанд;

c. дар мавридҳое, ки тибқи талаби Аъзои дархостшуда тақозо мешавад, дурустии маълумотро дар мавридҳои зарурӣ тасдиқ намояд[15];

d. маълумот ё санадҳои дархостшаванда;

e. маълумот оиди идорае, ки дархостро ирсол намудааст;

f. истинод ба муқаррароти низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии миллии Аъзои дархосткунанда, ки ҷамъ кардан, ҳифз, истифода, ошкор, маҳфуздорӣ ва ҳуқуқи истифодаи маълумоти махфӣ ва ахбори шахсиро танзим менамояд.

4.2. Агар Аъзои дархосткунанда ягон аз талаботи зербанди 4.1 иҷро карда натавонад, Аъзо бояд онро дар дархости худ мушаххас намояд.

5 Ҳифз ва махфият

5.1 Аъзои дархосткунанда бояд вобаста ба банди 5.2:

a. ҳамаи маълумот ва ҳуҷҷатҳоро, ки аз ҷониби Аъзои дархостшуда пешниҳод шудаанд, дар махфияти қатъӣ нигоҳ дорад ва то ҳадди имкон чунин сатҳи ҳифз ва махфият, ки дар доираи низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии Аъзои дархостшуда пешниҳод мешавад, таъмин намояд, чӣ тавре, ки дар бандҳои *6.1.b* ва *6.1.c* баён шудааст;

b. маълумотро танҳо ба мақомоти гумрукие, ки бевосита ба масъалаи баррасишаванда муносибат доранд, пешниҳод намоянд ва ахбор ва санадҳоро танҳо барои мақсадҳое, ки дар дархост баён шудаанд, истифода намоянд, то мавриде, ки Аъзои дархостшуда ба дигар ризоияи худро ба таври хаттӣ пешниҳод нанамояд.

c. маълумот ва санадҳоро бе иҷозати хаттии бевоситаи Аъзои дархостшуда ошкор нанамояд;

d. ягон маълумот ё санадҳои тасдиқнашударо аз Аъзои дархостшуда ба сифати омили асосӣ барои ҳалли шубҳа дар ҳама гуна маврид истифода набарад;

e. ҳама шартҳои марбут ба ҳолатҳои мушаххасро риоя намояд, ки аз ҷониби Аъзои дархостшуда вобаста ба ҳифз ва истифодаи маълумоти махфӣ ва ахбори шахсӣ пешниҳод шудаанд ва

---

[15] Ин метавонад маълумоти мувофиқро оиди санҷиш дарбар гирад, ки мутобиқи банди 12.3 гузаронида шудааст. Чунин маълумот мавриди ҳифз ва махфият қарор мегирад, ки онро Аъзое муайян кардааст, ки санҷишро гузаронидааст.

f. инчунин, тибқи дархост, Аъзои дархостшударо оиди ҳама гуна қарорҳо ва амалҳои марбут ба масъалаи мушаххас ҳамчун натиҷаи маълумот ва санадҳои пешниҳодшуда огоҳ намояд.

5.2. Аъзои дархосткунанда эҳтимол аст, ки мутобиқи низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии худ ягон аз зербандҳои 5.1. иҷро карда натавонад. Дар ин маврид, Аъзои дархосткунанда бояд инро дар дархости худ мушаххас намояд.

5.3. Аъзои дархосткунанда бояд нисбат ба ҳама дархост ва санҷиши маълумот, ки мутобиқи банди 4 қабул шудааст, ҳадди имкон ҳамон сатҳи ҳифз ва махфиятро риоя намояд, ки Аъзои дархостшуда нисбат ба чунин маълумоти худ риоя мекунад.

6. Пешниҳод намудани ахбор

6.1. Вобаста ба муқаррароти моддаи мазкур, Аъзои дархостшуда бояд ба таври фаврӣ:

a. ба таври қоғазӣ ё хаттӣ ҷавоб ирсол намояд;

b. маълумоти мушаххасро пешниҳод намояд, чи тавре, ки дар декларатсияи воридотӣ ва содиротӣ, ё декларатсия баён шудааст, то он дараҷае, ки имкон дорад, бо шарҳи сатҳи ҳифз ва махфият, ки аз Аъзои дархосткунанда тақозо мешавад.

c. тибқи дархост, маълумоти мушаххасро пешниҳод намояд, чи тавре, ки дар дар ҳуҷҷатҳои минбаъда ё ҳуҷҷатҳои вобаста ба декларатсияи воридотӣ ва содиротӣ баён шудаанд, то он дараҷае, ки он дастрас мебошад, борхат, варақаи борпеч, сертификати кишвари истеҳсол, коносамент, дар он шакле, ки онҳо пур карда шуда буданд, қоғазӣ ё электронӣ бо шарҳи сатҳи ҳимоя ва махфият, ки аз ҷониби Аъзои дархосткунанда тақозо мешавад;

d. тасдиқ намояд, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда – нусхаҳои асл мебошанд;

e. Маълумотро пешниҳод намояд ё ба таври дигар ба дархост ҷавоб диҳад, ҳадди имкон дар давоми 90 рӯз баъд аз санаи дархост.

6.2. Аъзои дархостшуда метавонад мутобиқи низоми қонунгузори ва ҳуқуқии худ то пешниҳоди маълумот талаб намояд, ки маълумоти мушаххас ба сифати далел дар тафтишоти ҷиноӣ, тафтишоти судӣ ё тафтишоти ғайригумрукӣ бе иҷозати хаттии Аъзои дархостшуда истифода нашавад. Агар Аъзои дархосткунанда ин талаботҳоро иҷро карда натавонад, вай бояд онро дар дархости худ мушаххас намояд.

7 Мавқуф гузоштан ё рад кардани дархост

7.1. Аъзои дархостшуда метавонад пешниҳоди маълумотро пурра ё қисман мавқуф ё рад намояд ва мувофиқан оиди сабабҳи он Аъзои дархосткунандаро огоҳ намоянд:

a. ин амал хилофи манфиатҳои давлатӣ мебошад, чи тавре, ки дар низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии Аъзои дархостшуда баён шудааст.

b. низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқии Аъзои дархостшуда ба пешниҳоди маълумот иҷозат намедиҳад. Дар ин маврид, Аъзои дархостшуда ба Аъзои дархосткунанда нусхаи чунин муқаррароторо пешниҳод мекунад.

c. пешниҳоди маълумот, татбиқи қонунгузориро душвор мегардонад, ё ба дигар тарз ба тафтишот, кофтуков ё баррасии маъмурӣ ё судӣ мудохила мекунад.

d. розигии воридкунанда ё содиркунанда мутобиқи низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ тақозо мешавад, ки ҷамъ кардан, ҳифз, истифода, ошкор, маҳфуздорӣ ва ҳуқуқи истифодаи маълумоти махфӣ ва ахбори шахсиро танзим менамояд ва чунин ризоият дода нашудааст.

e. дархост барои маълумот баъд аз итмоми мӯҳлате, ки қонунгузории Аъзои дархостшуда барои нигоҳ доштани санадҳо муқаррар кардааст, гирифта шудааст.

7.2. Дар мавриди бандҳои 4.2, 5.2 ё 6.2 иҷрои чунин дархост ба салоҳдиди Аъзо вогузор карда мешавад.

8. Амали мутақобила

Агар Аъзои дархосткунанда дар он ақидааст, ки вай дар ҳолати дархост аз ҷониби Аъзои дархостшуда чунин дархостро иҷро карда наметавонад, ё ки Аъзои дархосткунанда ҳоло Моддаи мазкурро истифода нанамудааст, вай бояд ин далелро дар дархости худ зикр намояд. Қонеъ гардондани чунин дархост ба салоҳдиди Аъзои дархостшуда вогузор карда мешавад.

9 Мушкилоти маъмурии иҷрои дархост

9.1. Аъзои дархосткунанда хароҷотҳои манбавӣ ва молиявиеро, ки ба дӯши маъмурияти Аъзои дархостшуда вобаста ба иҷрои дархост вогузор мешавад, бояд ба инобат гирад. Аъзои дархосткунанда бояд таносуби манфиатҳои буҷети худро дар дархости мазкур ва

саъю талошҳоеро, ки Аъзои дархостшуда барои пешниҳоди дархост мекунад, бояд ба инобат гирад.

9.2. Агар Аъзои дархостшуда шумораи иҷронашавандаи дархостҳоро мегирад, ё аз як ё шумораи бештари Аъзоҳои дархосткунанда дархост барои пешниҳоди маълумоти ҳаҷмаш аз имкони иҷро берунро мегирад, Аъзои дархостшуда метавонад аз як ё шумораи бештари Аъзоҳои дархосткунанда оиди афзалиятҳо оиди ҳудуди амалӣ дар доираи имкониятҳои маҳдуд талаб намояд. Дар ҳолати ҷой надоштани қарори мутақобила, иҷрои чунин дархостҳо ба салоҳдиди Аъзои дархостшуда вобаста ба натиҷаҳои афзалиятгузории худи он вогузор карда мешавад.

10 Маҳдудиятҳо

Аз Аъзои дархостшуда талаб карда намешавад, ки:

a. шакли декларатсия воридотӣ ва содиротии ё расмиёти худро тағир диҳад;

b. дигар санадҳоро, ғайр аз оне, ки бо декларатсияи воридотӣ ё содиротӣ пешниҳод шудаанд, чи тавре, ки дар банди *6 c* муқаррар шудааст, талаб намояд;

c. дархост барои гирифтани маълумот намояд;

d. мӯҳлати нигоҳдории чунин ахборро тағир диҳад;

e. ҳуҷҷатгузории қоғазиро дар ҳолате ҷорӣ намояд, ки аллакай усули электронӣ ҷорӣ шудааст;

f. маълумотро тарҷума намояд;

g. аниқ будани маълумотро санҷад;

h.чунин маълумотро пешниҳод намояд, ки метавонад ба манфиати қонунии корхонаҳои давлатӣ ё хусусӣ зиён расонад.

11 Бе иҷозат истифода ва ошкор намудан

11.1. Дар мавриди вайрон кардани шартҳои истифода ё ошкор намудани маълумоте, ки мутобиқи моддаи мазкур ба даст оварда шудааст, Аъзои дархосткунандае, ки маълумотро гирифтааст, бояд бетаъхир ҷузъиёти чунин истифода ё ошкор намудани беиҷозатро ба Аъзои дархостшуда маълум намояд, ки чунин маълумотро пешниҳод намудааст, ва:

a. тадбирҳои заруриро барои бартараф намудани вайро намудани қоида андешад;

b. тадбирҳои заруриро барои бартараф намудани вайро намудани қоида дар оянда андешад; ва

c. оиди тадбирҳое, ки мутобиқи зербанди *a. ва b.* андешида мешаванд, Аъзоро огоҳ намояд.

11.2. Аъзои дархостшуда метавонад ӯҳдадориҳои худро дар назди Аъзои дархосткунанда дар доираи Моддаи мазкур то татбиқ намудани чораҳое, ки дар банди 11.1. зикр шудаанд, қатъ намояд.

12 Созишномаҳои дуҷониба ва минтақавӣ

12.1. Ҳеҷ дар моддаи мазкур набояд Аъзоро пешгирӣ намояд аз аъзо шудан ба ё давом додани созишномаҳои дуҷониба, бисёрҷониба ё минтақавӣ оид ба пешниҳод ва табодули маълумот ва ахбори гумрукӣ, инчунин дар асоси бехатар ва бетаъхир аз қабили автоматикунонидашуда, ё сари вақт то расидани таҳвил.

12.2. Ҳеҷ дар моддаи мазкур набояд чунин шарҳ дода шавад, ки тақозо мешавад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Аъзо дар доираи созишномаҳои дуҷониба, бисёрҷониба ё минтақавӣ ё танзими табодули маълумот ва ахбори гумрукӣ дар доираи дигар чунин созишномаҳо тағир дода шавад.

Моддаи 13 Механизмҳои институтсионалӣ

1.1. Ҳамин тариқ Кумита оид ба мусоидат ба савдо созмон дода мешавад.

1.2. Кумита бояд барои иштирок барои ҳамаи Аъзоён кушода бошад ва раиси худро интихоб намояд. Кумита дар мавриди зарурат даъват карда мешавад, чи тавре, ки дар муқаррароти мувофиқи он пешбинӣ шудааст, вале на камтар аз як маротиба дар як сол, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои Аъзоён доир намудани машварат оиди ҳама гуна масъалаҳое, ки ба фаъолияти Созишномаи мазкур ё татбиқи мақсадҳои он иртибот дорад. Кумта ӯҳдадориҳоеро, ки ба зиммаи он мутобиқи Созишномаи мазкур ё аз ҷониби Аъзоён вогузор карда шудаанд, иҷро мекунад. Кумита қоидаҳои расмиёти худро мустақилона созмон медиҳад.

1.3. Кумита метавонад чунин мақомоти ёридиҳандаро созмон диҳад, ки метавонад ба онҳо зарурат пайдо шавад. Ҳама чунин мақомот ба Кумита ҳисобот медиҳанд.

1.4. Кумита бояд расмиёт таҳия намояд барои пешниҳоди маълумоти марбут ба Аъзоён ҳангоми пайдо шудани зарурат.

1.5. Кумита бояд бо дигар созмонҳои байналмилалӣ дар бахши мусоидат ба савдо аз қабили Созмони ҷаҳонии гумрук бо мақсади гирифтани тавсияҳои муфид барои татбиқ ва маъмурияти Созишномаи мазкур ва барои ҷилавгирӣ аз такрори дубораи саъю талош дар робитаи зич бошад. Бо ин мақсад, Кумита метавонад намояндагони чунин созмонҳо ва сохторҳои фаръии онро таклиф намояд, барои:

a. иштирок дар ҷаласаҳои Кумита; ва

b. муҳокимаи масъалаҳои мушаххас, ки ба татбиқи Созишномаи мазкур марбут мебошанд.

1.6. Кумита фаъолият ва татбиқи Созишномаи мазкурро ҳар 4 сол баъд аз ба эътибор даромадани он ва сипас мунтазам мавриди таҳлил қарор медиҳад.

1.7. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки дар Кумита вобаста ба ба татбиқ ва истифодаи Созишномаи мазкурро масъалагузорӣ намоянд.

1.8. Кумита бояд муҳокимаҳои мушаххасро байни Аъзоён оид ба масъалаҳои мушаххаси Созишномаи мазкур бо мақсади ба таври фаврӣ ба даст овардани қарори мутақобилан қонеъкунанда дастгирӣ ва осон намояд.

2 Кумитаи миллӣ оид ба мусоидат ба савдо

Ҳар як Аъзо бояд кумитаи миллӣ оид ба мусоидат ба савдоро созмон диҳад ва/ё фаъолияти ҷории онро дастгирӣ намояд ё механизми амалкунандаро барои мусоидат ба ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур таъин намояд.

Қисми II

Муқаррароти низоми махсус ва мухталиф барои кишварҳои тараққикунанда ва камтар тараққикарда

1 Принсипҳои асосӣ

1.1 Муқаррароте, ки дар бандҳои 1-12 Созишномаи мазкур баён ёфтаанд, аз ҷониби Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва камтар тараққикарда мутобиқи қисми мазкур татбиқ карда мешаванд, ки он дар шартҳое, ки дар Замимаи D Созишномаи қолабии июли 2004 сол (WT/L/579) ва банди 33 ва дар Замимаи У, Эъломияи Ҳонг Конги вазирон (WT/MIN(05)/DEC) ҳамоҳанг шудаанд, асос меёбад.

1.2. Кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконияти[16] Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва камтар тараққикарда бояд пешниҳод карда шавад, бо мақсади мадад намудан ба онҳо дар татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур вобаста ба хусусияти онҳо ва доираи амал. Дараҷа ва мӯҳлати татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур бояд аз имкониятҳои татбиқи муқаррарот аз ҷониби Аъзо-Мамлакатҳои тараққикунанда ва нисбатан тараққикарда вобаста бошад. Дар мавриде, ки Аъзо-мамлакати тараққикунанда ва нисбатан тараққикарда соҳиби имконияти зарурӣ намебошанд, татбиқи муқаррароти дахлдор то он вақт талаб карда намешавад, ки мамлакатҳои мазкур имконияти худро дар татбиқи муқаррарот тақвият надиҳанд.

1.3. Аъзо-Мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда вобаста ба рушди фардии худ, талаботҳои молиявӣ ва тиҷоратии худ, ё имкониятҳои маъмурӣ ва институтсионалии худ ӯҳдадориҳоро ба зимма мегиранд.

1.4. Принсипҳои мазкур тавассути муқаррарот, ки дар Қисми II баён шудаанд, татбиқ карда мешаванд.

2 Дараҷаи ӯҳдадориҳо

2.1 Се дараҷаи ӯҳдадориҳо вуҷуд дорад:

a. Категория А муқарраротеро дарбар мегирад, ки Аъзо-Мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-Мамлакати нисбатан камтар тараққикарда азм мекунанд, ки онро баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур иҷро намоянд, ё дар мавриди Аъзо-Мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дар давоми як сол баъди ба эътибор даромадан, чӣ тавре, ки дар банди 3 пешбинӣ шудааст.

b. Дараҷаи В муқарраротеро дарбар мегирад, ки ки Аъзо-Мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-Мамлакати нисбатан камтар тараққикарда азм мекунанд, ки онро баъд аз анҷоми

[16] Дар доираи Созишномаи мазкур «кӯмак ва дастгирӣ барои рушди қудрат» метавонад дар шакли техникӣ, молиявӣ ё ягон дигар шакли тасдиқшудаи кӯмак пешниҳод шавад.

мӯҳлати гузариши баъди ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур иҷро намоянд, чӣ тавре, ки дар банди 4 пешбинӣ шудааст.

c. Дараҷаи С муқарраротеро дарбар мегирад, ки ки Аъзо-Мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-Мамлакати нисбатан камтар тараққикарда азм мекунанд, ки онро баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур иҷро намоянд ва андӯхтани имконияти кофиро тавассути пешниҳоди кӯмак ва дастгирии тақвияти имконият тақозо мекунад, чӣ тавре, ки дар банди 4 пешбинӣ шудааст.

2.2. Ҳар як Аъзо-Мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-Мамлакати нисбатан камтар тараққикарда ба таври мустақилона дар асоси фардӣ муқарраротро дар доираи дараҷаи A, B ва C муайян ва илова мекунад.

3 Огоҳ намудан ва татбиқи ӯҳдадориҳои дараҷаи A

3.1. Баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, ҳар як Аъзо-мамлакати тараққикунанда ӯҳдадориҳои дараҷаи A худро иҷро менамояд. Ӯҳдадориҳои мазкур, ки дар дараҷаи A мушаххас шудаанд, қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур мешаванд.

3.2. Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда метавонад Кумитаро оиди ӯҳдадориҳое, ки он дар дараҷаи A муқаррар кардааст, дар давоми сол огоҳ намояд, баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур. Ҳар як ӯҳдадорие, ки Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дар дараҷаи A мушаххас кардааст, қисми ҷудонашавандаи ҳамин Созишнома мешавад.

4 Огоҳ кардан оиди мӯҳлатҳои ниҳоии татбиқ намудани дараҷаи B ва дараҷаи C

4.1. Вобаста ба муқарраротe, ки Аъзо-мамлакатҳои тараққикунанда дар дараҷаи A мушаххас накарданд, Аъзо метавонад татбиқро мутобиқи равандe, ки дар банди мазкур баён шудааст, мавқуф гузорад.

Муқаррароти марбут ба Аъзо-мамлакати тараққикунанда дараҷаи B

a. Баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, ҳар як Аъзо-мамлакати тараққикунанда Кумитаро оиди ӯҳдадориҳое, ки он дар дарарҷаи B мушаххас кардааст ва оиди мӯҳлатҳои тахминии иҷрои онҳо огоҳ мекунад[17].

b. На дертар аз як соли баъди ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, ҳар як Аъзо-мамлакати тараққикунанда Кумитаро оиди мӯҳлатҳои ниҳоии иҷрои ӯҳдадориҳои дараҷаи B огоҳ мекунад. Агар Аъзо-мамлакати тараққикунанда пеш аз анҷоми мӯҳлати ниҳоӣ ба он ақидааст, ки ба вай мӯҳлати иловагӣ барои огоҳ кардани санаҳои мушаххас зарур аст, Аъзо метавонад ба Кумита оиди дароз кардани мӯҳлат дархост ирсол намояд.

Муқаррароти марбут ба Аъзо-мамлакати тараққикунанда дараҷаи C

c. Баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, ҳар як Аъзо-мамлакати тараққикунанда Кумитаро оиди ӯҳдадориҳое, ки он дар дарарҷаи C мушаххас кардааст ва оиди мӯҳлатҳои тахминии иҷрои онҳо огоҳ мекунад. Бо мақсади шаффофият, огоҳномаҳои пешниҳодшуда маълумотро оиди кӯмак ва дастгирӣ бо мақсади рушди имконият, ки Аъзо барои татбиқ талаб мекунад, дарбар мегирад[18].

d. Дар давоми як соли баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-донорҳои марбут, бо ба инобат гирифтани қарордодҳои амалкунанда, огоҳномаҳо мутобиқи банди 10.1 ва маълумотe, ки тибқи зербанди c. дар боло пешниҳод шудааст, ба Кумита оиди қарордодҳои ҷорӣ ё басташуда, ки барои пешниҳоди кӯмак ва дастгирӣ бо мақсади рушди имконият, барои татбиқи ӯҳдадориҳои дараҷаи C зарур мебошанд маълумот ирсол менамоянд[19]. Аъзо-мамлакати тараққикунанда бетаъхир Кумитаро оиди чунин қарордодҳо огоҳ мекунад. Кумита

[17] Огоҳномаҳое, ки ирсол шудаанд, метавонад маълумоти иловагиро дарбар гирад, ки Аъзои огоҳкунанда онро бамаврид мешуморад. Ба Аъзоён тавсия дода мешавад, ки маълумотро оиди ҳаламот/макомот, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳо масъул мебошанд, пешниҳод намоянд.

[18] Аъзоён инчунин метавонанд маълумот оиди нақшаҳо ва лоиҳаҳои миллии мусоидат ба савдоро илова намоянд; ҳадамот/макомот, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳо масъул мебошанд; ва донорҳое, ки Аъзо метавонад бо онҳо аллакай қарордодҳои амалкунанда вобаста ба пешниҳод кӯмак дошта бошанд.

[19] Чунин қарордодҳо дар асоси шартҳои мутақобилан мувофиқшуда ё дар асоси дуҷониба, ё тавассути созмонҳои байналмилалии дахлдор, мутобиқ ба банди 9.3 ба амал бароварда мешаванд.

инчунин донорҳоеро, ки Аъзо нестанд таклиф менамояд, ки онҳо оиди қарордодҳои амалкунанда ё басташуда маълумот пешниҳод намоянд.

e. Дар давоми 18 моҳи баъд аз санаи пешниҳоди маълумот, ки дар зербанди 4.1d. пешбинӣ шудааст, Аъзоён-донорон ва , Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда Кумитаро оиди пешрафт дар таъмини кӯмак ва дастгирӣ огоҳ мекунанд. Ҳар як Аъзо-мамлакати тараққикунанда дар ҳамон маврид оиди рӯйхати мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳо хабар медиҳад.

4.2. Вобаста ба муқарраророте, ки онро Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дар дарачаи А мушаххас накардааст, Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан тараққикарда метавонанд мӯҳлати татбиқро мутобиқи тартибе, ки дар банди мазкур баён шудааст, дароз намоянд.

Муқаррароти марбут ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дарачаи B

a.На дертар аз як сол баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда Кумитаро оиди ӯҳдадориҳои дарачаи B ва мӯҳлати ниҳоии ичрои он огоҳ мекунад, бо назардошти шартҳое, ки барои Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан тараққикарда пешниҳод мешаванд.

b. На дертар аз ду сол баъд аз санаи огоҳнома, ки дар зербанди *a* қайд карда шудааст, ҳар як Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда Кумитаро оиди тасдиқи ӯҳдадориҳои ба зимма гирифташуда ва мӯҳлати ичрои онҳо огоҳ мекунад. Агар Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда ба он ақидааст, ки ба вай мӯҳлати иловагӣ барои огоҳ кардани санаҳои мушаххас зарур аст, Аъзо метавонад ба Кумита оиди дароз кардани мӯҳлат дархост ирсол намояд.

Муқаррароти марбут ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дарачаи C

c. Бо мақсади таъмини шаффофият ва соддагардонии қарордодҳо бо донорон, як сол баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур ҳар як Аъзо-мамлакати нисбатан тараққикарда Кумитаро оиди ӯҳдадориҳои худ дар дарачаи C огоҳ мекунад, бо назардошти шартҳои то ҳадди имкон тағирдодашаванда барои Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда.

d. Як сол баъд аз санае, ки дар зербанди c дар боло мушаххас шудааст, Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда маълумотро оиди кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконият, ки Аъзо барои ичрои ӯҳдадориҳо дархост мекунад, пешниҳод мекунанд[20].

e. Дар давоми як соли баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда ва Аъзоён-донорҳои марбут, бо ба инобат гирифтани қарордодҳои амалкунанда, огоҳномаҳо мутобиқи банди 10.1 ва маълумоте, ки тибқи зербанди *c.* дар боло пешниҳод шудааст, ба Кумита оиди қарордодҳои чорӣ ё басташуда, ки барои пешниҳоди кӯмак ва дастгирӣ бо мақсади рушди имконият барои татбиқи ӯҳдадориҳои дарачаи C зарур мебошанд, маълумот ирсол менамоянд[21]. Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда бетаъхир Кумитаро оиди чунин қарордодҳо огоҳ мекунад. Кумита инчунин донорҳоеро, ки Аъзо нестанд таклиф менамояд, ки онҳо оиди қарордодҳои амалкунанда ё басташуда маълумот пешниҳод намоянд.

f. Дар давоми 18 моҳи баъд аз санаи пешниҳоди маълумот, ки дар зербанди 4.2e. пешбинӣ шудааст, Аъзоён-донорон ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда Кумитаро оиди пешрафт дар таъмини кӯмак ва дастгирӣ огоҳ мекунанд. Ҳар як Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дар ҳамон маврид оиди рӯйхати мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳои худ маълумот медиҳад.

4.3. *Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва нисбатан камтар тараққикарда, ки дар* пешниҳоди мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳо дар давоми мӯҳлатҳои муқарраршуда, ки дар бандҳои 4.1 ва 4.2 баён шудаанд, ба мушкилот дучор шудаанд, бинобар набудани дастгирӣ аз чониби донорон ё набудани пешрафт дар самти пешниҳоди кӯмак ва дастгирӣ, бояд Кумитаро ҳар чӣ барвақттар пеш аз интиҳои он мӯҳлатҳои муқарраршуда огоҳ намоянд. Аъзоён барои ҳамкорӣ дар самти кӯмак барои ҳалли чунин мушкилот ризо мебошанд, бо назардошти мавридҳои мушаххас ва мушкилоти махсус, ки ба онҳо Аъзоён дучор мешаванд. Кумита, дар ҳолати зарурӣ барои бартараф намудани мушкилот

[20] Аъзоён инчунин метавонанд маълумот оиди нақшаҳо ва лоиҳаҳои миллии мусоидат ба савдоро илова намоянд, хадамот/мақомот, ки барои ичрои ӯҳдадориҳо масъул мебошанд, ва донорҳое, ки Аъзо метавонад бо онҳо аллакай қарордодҳои амалкунанда вобаста ба пешниҳод кӯмак дошта бошанд.

[21] Чунин қарордодҳо дар асоси шартҳои мутақобилан мувофиқшуда ё дар асоси дучониба, ё тавассути созмонҳои байналмилалии дахлдор, мутобиқ ба банди 9.3 ба амал бароварда мешаванд.

тадбирҳо меандешад, инчунин, дар мавриди зарурат, тавассути дароз кардани мӯҳлати муқарраршуда барои Аъзои дахлдор, барои огоҳ намудани мӯҳлатҳои ниҳоии он.

4.4. Се моҳ пеш аз мӯҳлати ниҳоӣ, ки дар бандҳои 4.1b. ё 4.2e. баён шудааст, ё дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда дар банди 4.2 b. ва 4.2 f., Котибот бояд Аъзоро ёдрас намояд, агар Аъзои мазкур оиди мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳои дарачаи B ва C огоҳ нанамояд. Агар Аъзо банди 4.3 ё банди 4.1b татбиқ нанамояд, ё дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда банди 4.2b мӯҳлатро дароз намуда ва ҳоло ҳам оиди мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳои худ хабар надодааст, Аъзо бояд ӯҳдадориҳоро дар давоми як соли баъди мӯҳлати ниҳоии муқарраршуда, ки дар бандҳои 4.1b ё банди 4.1e баён шудааст, ичро намояд, ё дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда тибқи банди 4.2b ё 4.2f, ё, ки тибқи банди 4.3 дароз карда шудаанд.

4.5. На дертар аз 60 рӯз баъд аз санаи огоҳ кардан оиди мӯҳлатҳои ниҳоии ичрои ӯҳдадориҳои марбут ба дарачаи B ва C тибқи бандҳои 4.1, 4.2 ё 4.3, Кумита замимаҳое, ки санаи мушаххаси ҳар як Аъзоро доир ба ичрои ӯҳдадориҳои марбут ба дарачаи B ва C дарбар мегирад, ба инобат мегирад, инчунин ҳама гуна санаҳое, ки дар доираи банди 4.4 муқаррар шудаанд, ба ин васила ин замимаҳоро қисми чудонашавандаи Созишномаи мазкур менамояд.

5 Механизми огоҳии пешакӣ: Дароз кардани мӯҳлати татбиқи муқаррароти дарачаи B ва C

5.1

a. Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва нисбатан камтар тараққикарда, ки дар ичрои ӯҳдадориҳои дарачаи B ё C дар мӯҳлатҳои ниҳоие, ки мутобиқи бандҳои 4.2b ва 4.2e муқаррар шудаанд, ба мушкилот дучор шудаанд, ё дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда мутобиқи бандҳои 4.2b ва 4.2f, бояд Кумитаро огоҳ намоянд. Аъзоён-мамлкатҳои тараққикунанда Кумитаро на дертар аз 120 рӯз то анчом ёфтани санаи ичрои татбиқ огоҳ менамояд. Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда Кумитаро на дертар аз 90 рӯз то чунин сана огоҳ менамояд.

b. Огоҳномаҳое, ки ба Кумита ирсол мешаванд, санаи нав, ки то фаро расидани он Аъзо-мамлакати тараққикунанда ва Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда азм доранд, ки ӯҳдадории мушаххасро ичро менамоянд. Дар огоҳнома инчунин сабабҳои таъхир дар ичрои ӯҳддориҳо баён карда мешавад. Сабабҳои мазкур метавонад ниёз барои кӯмак, ки пештар пешбинӣ нашуда буд ё кӯмаки иловагиро барои рушди имконият дарбар гирад.

5.2. Дар мавриде, ки дархости Аъзо-мамлакати тараққикунанда оиди мӯҳлати иловагӣ барои ичрои ӯҳдадориҳо аз 18 моҳ зиёд нест ё дархости Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда оиди мӯҳлати иловагӣ аз 3 сол зиёд нест, Аъзо-мамлакати дархосткунанда ба ин мӯҳлати иловагӣ бидуни ягон амал аз чониби Кумита ҳуқуқ дорад.

5.3. Дар мавриде, ки Аъзо-мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда ба он ақидаанд, ки Аъзо ба мӯҳлати зиёдтар аз мӯҳлати маротибаи аввал ниёз дорад, чи тавре, ки дар банди 5.2 пешбинӣ шудааст, ё дуюм маротиба мӯҳлат дароз карда шавад, ё ягон дигар дароз кардани мӯҳлат, Аъзо бояд ба Кумита дархост оиди дароз кардан, ки маълумоти дар банди 5.1b баёншударо дарбар мегирад, ирсол намояд, на дертар аз 120 рӯз барои Аъзо-мамлакати тараққикунанда ва на дертар аз 90 рӯз барои Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда то анчом ёфтани мӯҳлати муқарраршуда ё санаи дароз кардан.

5.4. Кумита бояд ба таври мусбӣ дархостҳои пешниҳодшударо барои дароз кардани мӯҳлат баррасӣ намояд, бо ба инобат гирифтани ҳолатҳои хусусии Аъзое, ки дархост пешниҳод мекунад. Ин сабабҳо метавонанд мушкилот ва мавқуфгузориро дар гирифтани кӯмак дарбар гиранд.

6 Татбиқи ӯҳдадориҳои дарачаи B ва дарачаи C

6.1. Мутобиқи банди 1.2, агар Аъзо-мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, ки расмиёти дар зербандҳои 4.1 ё 4.2 ва банди 5 зикршударо ичро намудаанд, дар мавриде, ки дархост оиди дароз кардани мӯҳлат қонеъ нашуда буд, ё Аъзо-мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда ба вазъиятҳои пешбининашуда дучор шуданд, ки барои гирифтани дароз кардани мӯҳлат мутобиқи банди 5 монеа мешаванд, мустақилона имкон надоштани

ичрои ӯҳдадориҳои дарачаи С муайян мекунад ва ин Аъзо оиди имкон надоштани ичро кардани ӯҳдадории дахлдор Кумитаро бояд огоҳ намояд.

6.2. Кумита оид ба мусоидат ба савдо бетаъхир гурӯҳи коршиносонро дар ҳама маврид на дертар аз 60 рӯз аз санаи гирифтани огоҳнома аз ҷониби Кумита аз Аъзо-мамлакати тараққикунанда ё Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда созмон медиҳад. Гурӯҳи коршиносон масъаларо дар давоми 120 рӯзи аз санаи созмон додани он таҳлил намуда, ба Кумита тавсияи худро пешниҳод мекунад.

6.3. Гурӯҳи коршиносон бояд аз панҷ коршиноси новобаста созмон дода шавад, ки дар соҳаи мусоидат кардани савдо ва кӯмаку дастгирӣ барои рушди имконият мутахассисони баландпоя мебошанд. Ҳайати гурӯҳи коршиносон бояд таносуби шаҳрвандони Аъзоён-мамлакатҳои тараққикарда ва тараққикунандаро таъмин намояд. Дар мавридҳое, ки Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда иштирок менамояд, гурӯҳи коршиносон бояд аққалан як намояндаи мамлакати нисбатан камтар тараққикардаро дарбар гирад. Агар Кумита оиди ҳайати гурӯҳи коршиносон дар давоми 20 рӯз аз санаи созмон додани он ба ризоият наояд, Директори кулл бо ҳамоҳангӣ дар раиси Кумита бояд ҳайати гурӯҳи коршиносонро мутобиқи шартҳои банди мазкур муайян намоянд.

6.4. Гурӯҳи коршиносон бояд баҳогузории мустақилонаи Аъзоро оиди имконият надоштан баррасӣ намуда, Ба Кумита оид ба мусоидат ба савдо тавсияи худро пешниҳод намояд. Ҳангоми баррасии тавсияи гурӯҳи коршиносон вобаста ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, Кумита бояд мувофиқан тадбирҳоеро андешад, ки ба ичрои устувори ӯҳдадориҳо мусоидат мекунанд.

6.5. Аъзо вобаста ба масъалаи мазкур мавриди тафтишот мутобиқи Қарордод оид ба ҳалли баҳсҳо қарор намегирад, аз вақте, ки Аъзо-мамлакати тараққикунанда Кумитаро оиди имкон надоштани ичрои ӯҳдадории дахлдор огоҳ мекунад, то он мавриде , ки Кумита дар ҷаласаи якум тавсияи гурӯҳи коршиносонро нагирад. Дар ин ҷаласа, Кумита тавсияи гурӯҳи коршиносонро баррасӣ менамояд. Дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, тафтишот дар доираи Қарордод оид ба ҳалли баҳсҳо нисбати ӯҳдадории мушаххас татбиқ намешавад аз санаи огоҳ намудани Кумита оиди имкон надоштани ичрои ӯҳдадорӣ то он вақт, ки Кумита қарори худро оид ба масъалаи мазкур набарорад, ё дар давоми 24 моҳи баъд аз ҷаласаи якуми Кумита, ки дар боло зикр шудааст, ё оне, ки барвақттар бошад.

6.6. Дар мавриде, ки Аъзо-мамлакати тараққикарда имкони ичро кардани ӯҳдадории дарачаи С надорад, Аъзо метавонад Кумитаро огоҳ намояд ва мутобиқи тартибе, ки дар банди 6 баён шудааст, амал намояд.

7 Гузаштан миёни категорияҳои В ва С

7.1. Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, ки оиди ӯҳдадориҳои худ дар доираи дарачаи В ва С огоҳ намудаанд, бо огоҳ кардани Кумита метавонанд аз ӯҳдадориҳои дарачаи В ба С гузаранд. Дар мавриде, ки Аъзо гузаштани ӯҳдадориҳоро аз дарачаи В ба С пешниҳод мекунад, Аъзо бояд маълумотро оиди кӯмак ва дастгирӣ, ки барои рушди имконият зарур аст, пешниҳод намояд.

7.2. Дар мавридҳое, ки мӯҳлати иловагӣ тақозо мешавад вобаста ба ичрои ӯҳдадориҳо дар ҳолати гузаштан аз дарачаи В ба С, Аъзо метавонад:

a. муқаррароти банди 5 истифода намояд, инчунин имконияти дароз кардани мӯҳлат ба таври худкор; ё

b. санҷишро аз ҷониби Кумита вобаста ба дархости мӯҳлати иловагӣ барои ичрои ӯҳдадориҳо талаб намояд, ки барои кӯмак ва дастгирӣ дар рушди имконият зарур аст, инчунин имконияти баррасӣ ва тавсияҳое, ки гурӯҳи коршиносон дар доираи банди 6 карда буданд; ё

c. дар мавриди Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, ҳама мӯҳлатҳои ичрои бештар аз чор сол баъд за санаи муқарраршуда, ки дар доираи дарачаи В мушаххас шудааст, тасдиқи Кумитаро тақозо мекунад. Илова ба ин, Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда бояд мктобиқи банди 5 амал намояд. Дониста мешавад, ки ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконият дар гузариш тақозо мешавад.

8 Дароз кардани мӯҳлати татбиқи Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо

8.1. Дар давоми ду сол баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, муқаррароти моддаҳои XXII ва XXIII ГАТТ 1994, чи тавре, ки дар Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо таҳия ва татбиқ мешаванд, набояд дар ҳалли баҳсҳои марбут ба Аъзо-мамлакати тараққикунанда вобаста ба ҳар ӯҳдадорӣ, ки Аъзо дар дараҷаи А мушаххас намудааст, татбиқ шаванд.

8.2. Дар давоми шаш сол баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур, муқаррароти моддаҳои XXII ва XXIII ГАТТ 1994, чи тавре, ки дар Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо таҳия ва татбиқ мешаванд, набояд дар ҳалли баҳсҳои марбут ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда вобаста ба ҳар ӯҳдадорӣ, ки Аъзо дар дараҷаи А мушаххас намудааст, татбиқ шаванд.

8.3. Дар давоми 8 сол баъд аз иҷрои ӯҳдадориҳо дар доираи дараҷаи B ва C аз ҷониби Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, муқаррароти моддаҳои XXII ва XXIII ГАТТ 1994, чи тавре, ки дар Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо таҳия ва татбиқ мешаванд, набояд дар ҳалли баҳсҳои марбут ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда вобаста ба иҷрои ин ӯҳдадориҳо татбиқ шаванд.

8.4. Новобаста аз дароз кардани мӯҳлати татбиқи Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо, пеш аз дархост оиди доир кардани машварат мутобиқи моддаҳои XXII ё XXIII, дар ҳамаи марҳилаҳои тартиби ҳалли баҳсҳо нисбат ба тадбири марбут ба Аъзо-мамлакати нисбатан камтар тараққикарда, Аъзо бояд ба вазъияти махсуси Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда диққати хосса диҳад. Дар робита ба ин, Аъзоён дар мавриди ба миён овардани масъалаҳои марбут ба Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо, ки ба Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда иртибот дорад, бояд таҳаммул намоянд.

8.5. Ҳар як Аъзо тибқи дархост, дар давоми мӯҳлати дарозшуда, ки мутобиқи банди мазкур пешбинӣ шудааст, ба дигар Аъзоён шароити мувофиқ фароҳам меорад барои муҳокимаи ҳама гуна масъалаҳое, ки ба Созишномаи мазкур иртибот доранд.

9 Пешниҳод кӯмак барои рушди имконият

9.1. Аъзоён-донорон барои мусоидат кардан ба пешниҳоди кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконияти ризо мебошанд, дар шартҳои мутақобилан мувофиқшуда ё тавассути созмонҳои байналмилалии марбута. Ҳадаф аз он иборат аст, ки ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда барои иҷрои муқаррароти қисми I Созишномаи мазкур кӯмак карда шавад.

9.2. Бо назардошти талаботҳои Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда, кӯмаки мақсаднок ва дастгирӣ бояд ба Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда пешниҳод карда шавад, бо мақсади мадад ба онҳо дар бино намудани имконияти устувор барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ. Тавассути воситаҳои ҳамкорӣ барои рушд ва дар ҳамоҳангӣ бо принсипҳои кӯмак ва дастгирии техникӣ, ки дар банди 9.3 зикр шудаанд, шарикони рушд саъй менамоянд, ки кӯмак ва дастгириро дар ин самт чунин тавр пешниҳод намоянд, ки хилофи афзалиятҳои ҷории рушд набошад.

9.3. Аъзоён саъй менамоянд, ки принсипҳои зеринро дар кӯмак ва дастгирии рушди имконият дар робита ба татбиқи Созишномаи мазкур истифода баранд:

a. ба инобат гирифтани рушди умумии мамлакатҳо ва минтақаҳо ва, ислоҳоти ҷорӣ ва барномаҳои кӯмаки техникӣ.

b. илова намудан, дар он ҷое, ки бамаврид ва бамақсад аст тадбирҳо барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва зерминтақавӣ ва мусоидат ба ҳамгироии минтақавӣ ва зерминтақавӣ;

c. таъмин намояд, ки ислоҳоти ҷории бахши хусусӣ дар самти мусоидат ба савдо тадбирҳои марбут ба расондани кӯмакро ба инобат мегирад;

d. мусоидат ба ҳамоҳангии миёни Аъзоён ва дигар муассисаҳои дахлдор, инчунин ҷомеаҳои ҳамгироии минтақавӣ, ҷиҳати то ҳадди имкон таъмин намудани самаранокӣ ва натиҷагирӣ аз ин кӯмак. Бо ин мақсад:

i. дар ҳамоҳангӣ, пеш аз ҳама дар мамлакат ё минтақа, ки ба он кӯмак бояд расонда шавад, миёни Аъзоён ва донорон ва миёни донрони дуҷониба ва бисёрҷониба, бояд дар барномаҳои кӯмак аз мутобиқат ва такрор ва мувофиқат накардан дар ислоҳои фаъолият тавассути ҳамоҳангии зич дар кӯмакӣ техникӣ ва мудохила дар рушди имконият канорагирӣ карда шавад.

ii. барои Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда барномаи густурдаи ягона бояд қисми раванди ҳамоҳангсозӣ бошад; ва

iii. Аъзоён инчунин бояд ба ҳамоҳангсозии дохилӣ миёни шахсон мансабдори бахши тиҷорат ва бахши рушд, ҳам дар пойтахтҳо ва ҳам дар Женева дар татбиқи Созишномаи мазкур ва кӯмаки техникӣ мусоидат намоянд.

e. истифодаи сохторҳои ҳамоҳангсозии дохилӣ ва минтақавиро дастгирӣ намоянд, аз қабили мизи мудаввар ва гурӯҳҳои машваратӣ барои ҳамоҳангсозӣ ва санҷиши фаъолияти марбут ба татбиқ; ва

f. ҳавасманд кардани Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда барои расондани кӯмак дар рушди имконият ба дигар мамлакатҳои тараққикунанда ва мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда ва баррасии имконияти дастгирии чунин фаъолият, дар мавридҳое, ки имкон дорад.

9.4. Кумита ҳадди ақал бояд як ҷаласаи махсусро дар як сол доир намояд, вобаста ба:

a. муҳокимаи ҳар масъалаи марбут ба татбиқи муқаррарот ё зерқисмҳои муқаррарот;

b. баррасии пешрафт оиди пешниҳоди кӯмаки техникӣ ва рушди имконият ҷиҳати дастгирии татбиқи Созишнома, инчунин пешниҳод нашудани кӯмаки техникии зарурӣ барои рушди имконият ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ё Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда;

c. табодули таҷриба ва маълумот оиди кӯмаки ҷорӣ ва барномаҳои татбиқ, инчунин мушкилот ва муваффақият;

d. баррасии огоҳномаҳо ба донорон, чи тавре, ки дар банди 10 баён шудааст; ва

e. баррасии фаъолияти банди 9.2.

10 Маълумот оиди кӯмак, ки ба Кумита пешниҳод мешавад

10.1. Ҷиҳати таъмини шаффофият барои вобаста ба пешниҳоди кӯмак ва дастгирӣ дар татбиқи Қисми I, ҳар як Аъзо-донор, ки ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ё Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда дар татбиқи Созишномаи мазкур кӯмак мерасонад, бояд ба Кумита дар мавриди ба эътибор даромадани ҳамин Созишнома ва сипас ҳар сол, маълумоти зеринро оиди кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконият, ки дар 12 моҳи қабл расонда шуда буд ва агар дастрас бошад, кӯмаке, ки дар 12 моҳи оянда тасмим гирифта шудааст, пешниҳод мекунад[22]:

a. шарҳи кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконият;

b. ҳолат ва маблағҳои пардохтшуда;

c. муқаррароти пардохти кӯмак ва дастгирӣ;

d. мамлакат-гиранда, ё агар зарурат бошад, минтақа; ва

e. муассисаи иҷрокунанда дар Аъзо-мамлакат, ки кӯмак ва дастгириро пешниҳод менамояд.

Маълумот бояд дар шакле, ки дар Замимаи 1 баён шудааст, пешниҳод карда шавад. Дар мавриди аъзоҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, маълумоти пешниҳодшуда метавонад дар асоси маълумот аз Низоми ҳисоботдиҳии кредиторони созмони мазкур бунёд ёбад. Ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда, ки барои расондани кӯмак ва дастгирӣ имкон доранд, тавсия дода мешавад, ки маълумоти дар боло зикршударо пешниҳод намоянд.

10.2. Аъзоён-донорон, ки ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда кӯмак мерасонанд, бояд ба Кумита пешниҳод намоянд:

a. тамоси марказҳое, ки ба расондани кӯмак ва дастгирӣ барои рушди имконият дар татбиқи муқаррароти Қисми I Созишномаи мазкур масъул мебошанд, инчунин дар мавриде, ки имкон дорад, маълумот оиди маркази тамос дар қаламрави мамлакат ё минтақа, ки ба он кӯмак ва дастгирӣ бояд расонда шавад; ва

b. маълумот оиди раванд ва механизмҳо барои дархости кӯмак ва дастгирӣ.

Ба Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда, ки барои расондани кӯмак ва дастгирӣ имкон доранд, тавсия дода мешавад, ки маълумоти дар боло зикршударо пешниҳод намоянд.

10.3. Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда, ки аз кӯмак ва дастгирӣ дар самти мусоидат азми истифода бурданро доранд, бояд ба Кумита маълумот оиди маркази (ҳои) тамоси идора (ҳои) масъули ҳамоҳангсозӣ ва афзалиядарории чунин кӯмак ва дастгирӣ ирсол намояд.

[22] Маълумоти пешниҳодшуда хусусияти дар талабот асосёфтани пешниҳоди кӯмаки техникиро инъикос мекунад.

10.4. Аъзоён метавонанд маълумотро, ки дар бандҳои 10.2 ва 10.3 зикр шудааст, тавассути истинодҳои шабакаи Интернет пешниҳод намоянд ва дар мавриди зарурат маълумоти тозаро ворид намоянд. Котибот ин маълумотро бояд дастраси умум намояд.

10.5. Кумита созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (аз қабили Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, ЮНКТАД, СУС, комиссияҳои минтақавии СММ, Бонки ҷаҳонӣ ё мақомоти ёрирасони онҳо ва бонкҳои минтақавии рушд) ва дигар муассисаҳоро барои ҳамкорӣ ҷиҳати пешниҳоди маълумот, ки дар бандҳои 10.1, 10.2 ва 10.4 зикр шудааст, таклиф менамояд.

Муқаррароти хотимавӣ

1. Дар доираи Созишномаи мазкур истилоҳи «Аъзо» мақомоти салоҳиятдори ин Аъзоро дарбар мегирад.

2. Ҳамаи муқаррароти Созишномаи мазкур барои ҳамаи Аъзоён ҳатмӣ мебошад.

3. Аъзоён Созишномаи мазкурро баъд аз санаи ба эътибор даромадани он татбиқ менамоянд. Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда, ки қарор мекунанд, ки муқаррароти Қисми II истифода баранд, Созишномаи мазкурро мутобиқи Қисми II татбиқ менамоянд.

4. Аъзое, ки Созишномаи мазкурро баъд аз ба эътибор даромадани он эътироф менамояд, ӯҳдадориҳои дараҷаи B ва C бо ҳисоби мӯҳлати мутобиқ баъд аз ба эътибор даромадани Созишномаи мазкур татбиқ менамояд.

5. Аъзоёне, ки шомили иттиҳоди гумрукӣ ё созмони минтақавии иқтисодӣ мебошанд, метавонанд усулҳои минтақавиро дар мусоидат ба татбиқи ӯҳдадориҳои худ дар доираи Созишнома оид ба мусоидат ба савдо истифода намоянд, инчунин тавассути созмон ва истифодаи мақомоти минтақавӣ.

6. Новобаста аз Эзоҳоти умумӣ ба Замимаи 1А, ҳеҷ аз муқаррарот дар Созишномаи мазкур бояд чунин шарҳ дода нашавад, ки ӯҳдадориҳои Аъзоёнро дар доираи ГАТТ 1994 кам менамояд. Илова ба ин, ҳеҷ аз муқаррарот дар ҳамин Созишнома бояд чунин шарҳ дода нашавад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Аъзоёнро дар доираи Созишнома оиди монеаҳои техникӣ дар савдо ва Созишнома оид ба татбиқи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ кам мекунад.

7. Ҳама истисноҳо ва озод кардан[23] дар доираи Созишномаи умумии соли 1994 оид ба тарифҳо ва савдо бояд ба муқаррароти Созишномаи мазкур татбиқ мешаванд. Истисноҳое, ки дар ГАТТ 1994 ё ягон қисми он истифода мешаванд, ки мутобиқи моддаҳои IX:3 ва X:4 Созишномаи Марокаш оид ба созмон додани СУС пешниҳод мешаванд ва ҳама тағирот ба он дар санаи ба эътибор даромадани ҳамин Созишнома, бояд ба муқаррароти Созишномаи мазкур татбиқ шаванд.

8. Муқаррароти моддаҳои XXII ва XXIII ГАТТ 1994, чи тавре, ки онҳо дар Қарордод оиди қоидаҳо ва тартиботи танзимкунандаи ҳалли баҳсҳо таҳия ва татбиқ мешаванд, дар машварат ва ҳалли баҳсҳо дар доираи ҳамин Созишнома татбиқ мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки махсус дар ҳамин Созишнома пешбинӣ шудаанд.

9. Тавзеҳот наметавонад нисбати ҳар аз муқаррароти Созишномаи мазкур бе розигии дигар Аъзоён ворид карда шавад.

10. Ӯҳдадориҳои дараҷаи А Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда, ки ба ҳамин Созишнома мутобиқи бандҳои 3.1 ва 3.2 Қисми II замима мешаванд, қисми ҷудонашавандаи ҳамин Созишномаро ташкил медиҳанд.

11. Ӯҳдадориҳои дараҷаи B ва C Аъзоён-мамлакатҳои тараққикунанда ва Аъзоён-мамлакатҳои нисбатан камтар тараққикарда, ки аз ҷониби Кумита ба инобат гирифта шуда, мутобиқи бандҳои 4.5 Қисми II ба ҳамин Созишнома замима шудаанд, қисми ҷудонашавандаи ҳамин Созишномаро ташкил медиҳанд.

Замимаи 1:Шакли огоҳнома мутобиқи моддаи 10.1

Аъзо-донор:

Мӯҳлате, ки огоҳнома онро фаро мегирад:

| Шарҳи кӯмаки техникӣ ва молиявӣ ва манбаҳо барои рушди имконият | Ҳолат ва маблағҳои пардохтшуда | Мамлакати гиранда/минтақа (дар мавриди зарурӣ) | Муассисаи иҷрокунанда дар Аъзое, ки кӯмак мерасонад | Тартиби пардохти Кӯмак |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

[23] Ин моддаҳои V:7 ва X:1 Созишномаи умумии соли 1994 оид ба тарифҳо ва савдо ва Эзоҳ ба моддаи ГАТТ 1994 дарбар мегирад.